**[12-А].** Сохибов Р.Г. Удлинение интервала Q-T как предиктор внезапной сердечной смерти у лиц пожилого возраста с артериальной гипертензией [Текст] / Р.Г. Сохибов, Ф.Д. Бобоев, С.А.Умарова // Медицинский вестник Национальной академии наук Таджикистана – 2022.-1(41).- С. 61-67.

**[12-А].** Сохибов Р.Г. Самаранокии iSHEMIC PRECONDINIONING миокард аз осебҳои ишемикӣ ҳангоми стенокардияи устувор дар беморони гирифтори

фишорбаландии шараёнии идорашаванда [Текст] / Р.Г. Сохибов, Х.Ё. Шарипова, Д.Д. Рахимов, Р.М. Гулова // Авҷи Зуҳал. – 2023. – №1. – С. 20-25.

**[13-А].** Сохибов Р.Г. Влияние мелатонина на уровень артериального давления у лиц пожилого возраста [Текст] / Ф.Д. Бобоев, Ш.Ф. Одинаев, Р.Г. Сохибов, А.А. Умаров // Вестник Авиценны – 2024. – №2 (26). – С. 284-293.

**[14-А].** Сохибов Р.Г. Хусусиятҳои синдроми шадиди коронарӣ дар беморони сину соли ҷавон ва миёна бо диабети қанди навъи 2. [Текст] / Р.Г. Сохибов, Х.Ё. Шарипова, Д.Д. Рахимова, Г.Н. Каримова, Х.С. Султанов // Авҷи Зуҳал. – 2025. – №1 (58). – С. 77-84.

**[15-А].** Сохибов Р.Г. Синдроми шадиди коронарӣ дар сину соли ҷавон ва миёнасол: тамоюли муосир ва динамикаи муваққатии омилҳои асосии хатар [Матн] / Сохибов Р.Г, Авҷи Зуҳал №3- 2026 саҳ.177 – 185.

**Статьи и тезисы в журналах и сборниках конференций**

**[16-А].** Сохибов Р.Г. Динамика артериального давления и качество жизни у больных изолированной систолической артериальной гипертонией [Текст] / Р.Г. Сохибов, Ш.А. Сулаймонова, А.Н. Хамидова// Здравоохранение Таджикистана, 2005. - 4. – С.53-56.

**[17-А].** Сохибов Р.Г. Внезапная коронарная смерть при остром коронарном синдроме без подъёма ST у пациентов со сниженной массой тела [Текст] / Р. Г. Сохибов, Х.Р. Махмудов // Материалы конгресса кардиологов, Бишкек, 2012.- № 182.

**[18-А].** Сохибов Р.Г. Медико-социальные факторы у пациентов острым коронарным синдромом [Текст] Р.Г. Сохибов, Ш.А. Сулаймонова // Материалы научной конференции молодых ученных ТГМУ. – Душанбе –2012. – С. 57- 58.

**[19-А].** Сохибов Р.Г. Возникает ли острый коронарный синдром на фоне уменьшения массы тела? [Текст] Н.А. Алимова, Х.С. Султонов // 60-я годичная научно-практическая конференция с международным участием ТГМУ им Абуали ибни Сино, посвященная 80-летию со дня рождения член-корр. РАМН, профессора Ю.Б. Исхаки. – Душанбе. – 2012. – С. 316-317.

**[20-А].** Сохибов Р.Г. Ошибки диагностики острого коронарного синдрома [Текст] Х.Ё. Шарипова, Х.С. Султонов // 60-я годичная научно-практическая конференция с международным участием ТГМУ им Абуали ибни Сино, посвященная 80-летию со дня рождения член-корр. РАМН, профессора Ю.Б. Исхаки. – Душанбе. – 2012. – С. 320-321.

**[21-А].** Сохибов Р.Г. Следует ли включить показатели трофологического статуса в модели стратификации риска негативных исходов острого коронарного синдрома? (статья) [Текст] // Х.Ё. Шарипова Р.Г. Сохибов., Д.М. Якубов Материалы 60 научно-практической конференции ТГМУ с международным участием. – Душанбе – 2012. – С. 362-364.

**[22-А].** Сохибов Р.Г. Острый коронарный синдром у больных с хронической болезнью почек [Текст] // Р.Г. Сохибов, С.Х. Тагоев. Конференция молодых учёных ТГМУ им. Абуали ибни Сино. – Душанбе. – 2013. – С.61-62.

**[23-А].** Сохибов Р.Г. Структура и частота факторов риска сердечной недостаточности у больных с избыточной массой тела [Текст] // Р.Г. Сохибов, Конференция молодых учёных ТГМУ им. Абуали ибни Сино. – Душанбе. – 2013. – С. 58 -59.

**[24-А].** Сохибов Р.Г. Внезапная коронарная смерть у пациентов с ишемической болезнью сердца на фоне сниженной массы тела [Текст] // Р.Г. Сохибов, Х.Ё. Шарипова. Сборник научных статей 61- ой годичной научно-практической конференции ТГМУ им. Абуали ибни Сино с международным участием «Вклад медицинских наук в практическое здравоохранение». – Душанбе – 2013. – С. 265 - 266.

**[25-А].** Сохибов Р.Г. Вклад учёных ТГМУ в решении проблем артериальной гипертонии [Текст] / Р.Г. Сохибов, Х.Я. Шарипова // Авчи Зухал – 2013. – № 2. – С. 23-26.

**[26-А].** Сохибов Р.Г. Соответствие диагностики и лечения инфаркта миокарда современным рекомендациям на догоспитальном этапе [Текст] // Р.Г. Сохибов, З.С. Бобоева. Сборник научных статей 61- ой годичной научно-практической конференции ТГМУ им. Абуали ибни Сино с международным участием. Вклад

медицинских наук в практическое здравоохранение. – Душанбе – 2013. – С. 266-267.

**[27-А].** Коморбидные заболевания у больных ОКС на фоне нормального и недостаточного нутритивного статуса [Текст] // Х.Ё. Шарипова, Р.Г. Сохибов, С.Х. Тагоев. Архив внутренней медицины. Спецвыпуск. – Москва – 2013. – С. 43.

**[28-А].** Сохибов Р.Г. Дисперсия корригированного интервала QT у больных с острым коронарным синдромом без подъёма ST [Текст] //Х.Р. Махмудов, Р.Г. Сохибов, Н.А. Алимова. Специальный выпуск Евразийской ассоциации терапевтов. Архив внутренней медицины. – 2013. – С. 52.

**[29-А].** Сохибов Р.Г. Взаимосвязь массы тела и дисперсии корригированного интервала QT у больных с острым коронарным синдромом без подъёма ST [Текст] // Р.Н. Зубайдов, Р.Г. Сохибов, М.Г. Самадова. Специальный выпуск Евразийской ассоциации терапевтов. Архив внутренней медицины. – 2013. – С. 44-45.

**[30]** Сохибов Р.Г. Неконвенционные факторы риска у мужчин молодого и среднего возрастов с артериальной гипертонией [Текст] // Х.Ё. Шарипова, Р.Г. Сохибов, Н.А. Алимова. Медицинская наука и образование. ТГМУ. – Душанбе. – 2014. – С. 93-95.

**[31-А].** Сохибов Р.Г. Уровень тревоги и депрессии у мужчин среднего возраста с артериальной гипертонией [Текст] // Х.Ё.Шарипова, Ф.Н. Абдуллоев, Р.Г. Сохибов. Материалы 62 годичной научно-практической конференции ТГМУ им. Абуали ибни Сино. – Душанбе – 2014. – С. 136-137.

**[32-А].** Сохибов Р.Г. Причины низкой приверженности к лечению больных артериальной гипертонией [Текст] // Г.М. Негматова, Ф.Н. Абдуллоев, Г.А. Ачева, Р.Г. Сохибов. Материалы П Международной конференции Евразийской ассоциации терапевтов. Бишкек. , 26-27 марта 2015.- С. 32.

**[33-А].** Сохибов Р.Г. Частота факторов риска и тяжёлых исходов при резистентной артериальной гипертонии [Текст] // Г.М. Негматова, Г.А. Ачева, Х.Ё. Шарипова, Р.Г. Сохибов. Материалы П Международной конференции Евразийской ассоциации терапевтов. Бишкек. – 26-27 марта 2015.- С. 33

**[34-А].** Сохибов Р.Г. Когнитивные нарушения при резистентной артериальной гипертонии [Текст] //Ф.Н. Абдуллоев, Н.А. Алимова, Р.Г. Сохибов. Материалы 63 годичной научно-практической конференции ТГМУ им. Абуали ибни Сино. – Душанбе. – 2015. – С. 152-164.

**[35-А].** Сохибов Р.Г. Частота РАГ среди пациентов отделений разного профиля [Текст] // Г.М. Негматова, Ф.Н. Абдуллоев, Г.А. Ачева, Р.Г. Сохибов. Кардиоваскулярная терапия и профилактика (спец выпуск) – 2015. – С. 154.

**[36-А].** Сохибов Р.Г. Приверженность больных лечению и ожидаемая эффективность терапии резистентной гипертонии [Текст] // Г.М. Негматова, Х.С. Султонов, Г.А. Ачева, Р.Г. Сохибов. Кардиоваскулярная терапия и профилактика (спец выпуск) – 2015. – С. 27.

**[37-А].** Сохибов Р.Г. Нестабильная стенокардия у больных ревматоидным артритом [Текст] // Р.Н. Зубайдов, Х.Ё. Шарипова, Д.М. Якубов, Р.Г. Сохибов. Материалы 64 научно-практической конференции ТГМУ Душанбе. – 2016. – С. 42-43.

**[38-А].** Сохибов Р.Г. Коморбидность у пациентов с хронической сердечной недостаточностью и её взаимосвязь с прогностическими факторам /[Текст] / А.А. Шербадалов, Р.Г. Сохибов, Ф.Н. Абдуллоев, Х.Ё. Шарипова // Материалы годичной конференции ТГМУ. - 2017.- том 1, С. 399-400.

**[39-А].** Сохибов Р.Г. ИБС у больных с недостаточной эффективностью антигипертензивной терапии / Р.Г. Сохибов, А.А. Шербадалов, О.С. Нуруллоев // Материалы XII- годичной научно – практической конференции молодых ученных и студентов ТГМУ.- 2018.-С. 119-120.

**[40-А].** Сохибов Р.Г. Кардиопротективное влияние ишемического прекондиционирования при хронической сердечной недостаточности у больных стабильной стенокардией [Текст] /О.С. Нуруллоев, Ф.Н. Абдуллоев, Р.Г. Сохибов // Материалы XII- годичной научно – практической конференции молодых ученных и студентов ТГМУ.- 2018.- том 1, стр. 110-111.

**[41-А].** Сохибов Р.Г. Частота сопутствующих заболеваний у больных с острым коронарным синдромом на фоне нарушения нутритивного статуса [Текст] // Р.Г.

Сохибов, С.Г. Музафаров, З.Ш. Каландаров. Современные принципы профилактики, диагностики и лечения соматических заболеваний / Сборник материалов II Съезда врачей Республики Таджикистан. – Душанбе. –2019. – С. 162.
**[42-А].** Сохибов Р.Г. Частота тяжелых исходов при резистентной артериальной гипертонии у больных с нарушением нутритивного статуса [Текст] // Р.Г. Сохибов, Г.Д. Худододова, С.Г. Музафаров. Современные принципы профилактики, диагностики и лечения соматических заболеваний / Сборник материалов II Съезда вречей Республики Таджикистан. – Душанбе. –2019. – С.163.
**[43-А].** Сохибов Р.Г. Эффекты ишемического прекондиционирования при разной эффективности антигипертензивной терапии [Текст] // Х.Ё. Шарипова, Ф.Н. Абдуллоев, Р.Г. Сохибов, О.С. Нуруллоев. Материалы конгресса кардиологов и терапевтов стран Азии и СНГ «Актуальные проблемы сердечно - сосудистых и соматических заболеваний». – 2019 – С. 458.
**[44-А].** Сохибов Р.Г. Возрастные особенности распространённости дисциркуляторной энцефалопатий [Текст] // Х.Ё. Шарипова, Ф.Н. Абдуллоев, Р.Г. Сохибов, Д.М. Якубов. Материалы конгресса кардиологов и терапевтов стран Азии и СНГ «Актуальные проблемы сердечно - сосудистых и соматических заболеваний». Душанбе. – 2019. – С. 458-459.
**[45-А].** Сохибов Р.Г. Частота и выраженность ишемической болезни сердца на фоне контролируемой и резистентной гипертонии [Текст] //А.А. Шербадалов, Ф.Н. Абдуллоев, Р.Г. Сохибов. Материалы конгресса кардиологов и терапевтов стран Азии и СНГ «Актуальные проблемы сердечно - сосудистых и соматических заболеваний». – 2019. – С. 461- 462.
**[46-А].** Сохибов Р.Г. Коморбидность и выраженность гипертонической энцефалопатии [Текст] / Р.Г. Сохибов, Х.Ё. Шарипова, Ф.Н. Абдуллоев, Д.М. Якубов//Материалы 67-й годичной конференции ТГМУ.- 2019.- С.233.
**[47-А].** Сохибов Р.Г. Гемодинамические сдвиги при терапии бисопрололом артериальной гипертонии у лиц старших возрастов [Текст] // А.А.Умаров., Р.Г.

Сохибов. Материалы международной научно-практической конференции (68 годичной). –2020. – С. 233.

**[48-А].** Сохибов Р.Г. Структурные изменения мозговой ткани при хронической ишемии мозга на фоне контролируемой и резистентной артериальной гипертонии [Текст] // Р.Г. Сохибов, Ф.Н. Абдуллоев, Х.Ё. Шарипова, Г.М. Негматова. Материалы международной научно-практической (68 годичной) конференции. Душанбе, ТГМУ.- 2020.- т.1.-с.278-280.

**[49-А].** Сохибов Р.Г. Половые различия частоты форм ишемической болезни сердца на фоне резистентной артериальной гипертонии у лиц молодого и среднего возрастов [Текст] // Дж. Рахимов, Х.Ё. Шарипова, Р.Г. Сохибов. Достижения и проблемы фундаментальной науки и клинической дисциплины. Материалы международной научно-практической конференции с международным участием (69 годичной). –2021. – С. 163-164.

**[50-А].** Сохибов Р.Г. Ишемическое прекондиционирование миокарда у больных стабильной стенокардией на фоне резистентной артериальной гипертонии [Текст] // Дж.Дж. Рахимов, Р.Г. Сохибов, Х.Х. Киёмиддинов. Достижения и проблемы фундаментальной науки и клинической дисциплины– Душанбе. – 2021. - С. 171-173.

**[51-А].** Сохибов Р.Г. Эффективность ишемического прекондиционирования миокарда при стабильной стенокардии у пациентов с резистентной артериальной гипертонией [Текст] / Р.Г. Сохибов, Дж.Дж. Рахимов, Х.Ё. Шарипова //Современная медицина: традиции и инновации. – Душанбе. – 2022. - С. 209-211.

**[52-А].** Сохибов Р.Г. Течение острого коронарного синдрома у пациентов молодого и среднего возраста: роль мелатонина [Текст] // Х.Ё. Шарипова, Р.Г. Сохибов, Р.М. Гулова. Инновации в медицине: от науки к практике».71-я научно-практическая конференция ТГМУ с международным участием. Душанбе, 2023. - 1 Том, С. 478-481.

**[53-А].** Сохибов Р.Г. Когнитивные нарушения на фоне тревожно-депрессивных расстройств у пациентов с острым коронарным синдромом [Текст] // Г.Д.

Пирова, Р.Г. Сохибов, Х.С. Султонов. Материалы научно-практической конференции ГОУ «ТГМУ им. Абуали ибни Сино» (71-ой годичной) 2023. Душанбе. - Том 1. – С. 614-616.

**[54-А].** Сохибов Р.Г. Частота форм острого коронарного синдрома и его исходы у пациентов до 60 лет в разные периоды наблюдения [Текст] // Р.Г. Сохибов, Х.Ё. Шарипова, Р.М. Гулова. «Инновации в медицине: от науки к практике».71-я научно-практическая конференция ТГМУ с международным участием. ТГМУ, 1 декабря 2023 .-С. 661-662.

**[55-А].** Сохибов Р.Г. Когнитивные нарушения и выраженность ассоциированных сердечно-сосудистых заболеваний у пациентов с острым коронарным синдромом [Текст] // Х.Ё. Шарипова, Р.Г. Сохибов, З. Дж. Турсункулов. Материалы научно-практической конференции ГОУ «ТГМУ им. Абуали ибни Сино» (71-ой годичной) с международным участием. – Душанбе. – 2023. – С. 751-752.

**[56-А]**Сохибов Р.Г. Частота форм острого коронарного синдрома и его исходы у пациентов с разной массой тела [Текст] // Р.Г. Сохибов, Х.Ё. Шарипова, Р.М. Гулова.Инновации в медицине: от науки к практике».71-я научно-практическая конференция ТГМУ с международным участием. ТГМУ, 1 декабря 2023. 1 Том, С.661-662.

**[57-А].** Сохибов Р.Г. Частота отдалённых сердечно-сосудистых событий у больных острым коронарным синдромом в разные периоды наблюдения [Текст] / Сохибов Р.Г., Шарипова Х.Ё., Рахимова Д.З. Научно-практическая конференция (72- годичная). – 2024. – С. 378-379.

**[58-А].** Сохибов Р.Г. Тревожно депрессивный синдром у пациентов с острым коронарным синдромом [Текст] // Р.Г. Сохибов, Х.Ё. Шарипова, А.Н. Нурализода. Научно-практическая конференция (72- годичная). – 2024. – С. 344.

**[59-А].** Сохибов Р.Г. Частота и выраженость когнитивной недостаточности у пациентов с острым коронарным синдромом // Р.Г.Сохибов, Х.Ё.Шарипова, А.Н. Нурализода. / Научно-практическая конференции (72- годичная). –2024. – С. 345.

**[60-А].** Коморбидность заболеваний у пациентов молодого и средного возраста с ОКС [Текст] // Р.Г. Сохибов., Х.Ё. Шарипова, Ё.В. Хакимов. Научно-практическая конференции (72- годичная). –2024.– С. 346.

**[61-А].** Сохибов Р.Г. Частота сопутствующих заболеваний у больных с острым коронарным синдромом на фоне нарушения нутритивного статуса [Текст] // Р.Г. Сохибов, С.Г. Музафаров, З.Ш. Каландаров. Современные принципы профилактики, диагностики и лечения соматических заболеваний / Сборник материалов второго Съезда врачей Республики Таджикистан. – Душанбе. – С. 162.

**[62-А].** Сохибов Р.Г. Рексетин в лечение ИБС с тревожно депресивным синдромом [Текст] // Р.Г. Сохибов, К.Х. Худоёрзода, П.Н.Розиков. Актуальные вопросы медицины и высшего медицинского образования / Материалы республиканского научно-практической конференции ГОУ ХГМУ (5-годичная). –2024. – С. 216.

**[63-А].** Сохибов Р.Г. Когнитивная недостаточность у пациентов с ОКС в период пандемии COVID-19 на фоне профилактического приёма мелатонина [Текст] // Р.Г. Сохибов, Д.З. Рахимова, П.А. Боймуродов, Г.О. Назарова. Достижения и перспективы развития медицинской науки и образования в Таджикистане / Материалы республиканской научно-практической конференции (VI –я годичная), посвященной дню президента и государственному флагу Республики Таджикистан. Том 1. – Дангара. –2025. – С. 475.

**[64-А].** Сохибов Р.Г. Клинико лабараторные и инструментальные показатели у пациентов с острым коронарным синдромом по данным пролонгированного наблюдения с учётом перенесённой COVID-19 и профилактического приёма мелатонина [Текст] // Р.Г. Сохибов, Г.О.Назарова, А.Х. Шарифбоев, П.А. Боймуродов. Современные стратегии диагностики и лечения внутренних и эндокринных заболеваний в условиях коморбидности. Материалы республиканской научно-практической конференции. Том 1. – Дангара. –2025. – С. 474.

**Перечень сокращений, условных обозначений**

| | |
|---|---|
| АБ | атеросклеротическая бляшка |
| АГ | артериальная гипертензия |
| БЦА | брахиоцефальные артерии |
| ДАТТ | двойная антитромбоцитарная терапия |
| ИМ | инфаркт миокарда |
| КН | когнитивная недостаточность (нарушение) |
| НС | нестабильная стенокардия |
| НССС | неблагоприятное сердечно-сосудистое событие |
| ОКС | острый коронарный синдром |
| ОКС п ST | ОКС с подъёмом интервала ST |
| ОКС бп ST | ОКС без подъёма интервала ST |
| ОНМК | острое нарушение мозгового кровообращения |
| пЧКВ | первичное чрезкожное коронарное вмешательство |
| РАГ | резистентная артериальная гипертония |
| САД | систолическое артериальное давление |
| СД | сахарный диабет |
| ССЗ | сердечно-сосудистые заболевания |
| ССС | сердечно-сосудистая смерть |
| ФК | функциональный класс |
| ХБП | хроническая болезнь почек |
| ХСН | хроническая сердечная недостаточность |
| ЧКВ | чрезкожное коронарное вмешательство |

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО»

**ВБД . 616.132.2 - 002**

*Бохуқуқи дастнавис*

**СОҲИБОВ РАҲМАТУЛО ҒУЛОМОВИЧ**

# ХУСУСИЯТҲОИ КЛИНИКӢ- ГЕМОДИНАМИКӢ ВА АСАБИВУ РАВОНИИ СИНДРОМИ ШАДИДИ КОРОНАРӢ ДАР ДАВРАҲОИ ГУНОГУНИ ТАҲҚИҚОТ: ДАР СОЛҲОИ 2009-2012 ВА 2019-2022

**Автореферати**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии**
**доктори илмҳои тиббӣ аз рӯйи**
**ихтисоси 3.1.4. Бемориҳои дарунӣ**

Душанбе -2026

Диссертатсия дар кафедраи бемориҳои дарунии №2 МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» иҷро карда шудааст

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Шарипова Хурсанд Ёдгоровна,** доктори илмҳои тиббӣ, профессор; профессори кафедраи таълими асосҳои бемориҳои дарунии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Шукурова Сурайё Махсудовна** – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои тиббӣ, профессор, мудири кафедраи кардиоревматалогияи МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» |
| | **Загидуллин Науфал Шамилевич –** доктори илмҳои тиббӣ, профессор, мудири кафедраи таълими асосҳои бемориҳои дарунии Муассисаи таълимии федералии давлатии буҷетии таҳсилоти олии «Донишгоҳи давлатии тиббии Бошқирдистон» Вазорати тандурустии Федератсияи Русия (ш. Уфа) |
| | **Раҷабзода Музафар Эмом** – доктори илмҳои тиббӣ, директори МД «Маркази ҷумҳуриявии клиникии кардиологияи ВТ ва ҲИА ҶТ» |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд (ш. Самарқанд) |

Ҳимояи диссертатсия «12» ноябри с. 2026 соати «$13^{00}$» дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-112 МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» баргузор мегардад. Нишонӣ: 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Сино, 29-31, info@tajmedun.tj; +992931277575.

Бо диссертатсия дар китобхонаи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_____» ____________ соли 2026 фиристода шуд.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои тиббӣ, дотсент** **Ҷамолова Р. Ҷ.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи диссертатсия**. Бемори ишемикии дил (БИД) дар сохтори беморшвӣ ва фавт дар ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол кардани мавқеи пешсафиро идома дода истодааст [6, 160 с; 8, с.56]. Мувофиқи маълумотҳои *таҳқиқоти* Global Burden of Disease 2023, ки 204 кишвар ва минтақаҳо, аз ҷумла 660 минтақаҳои фаръии миллиро фаро гирифтааст, «сарфи назар аз пастшавӣ дар солҳои 1990 - 2023 синну соли нишондиҳандаи стандартишудаи аз даст додани солҳои солимии ҳаёт, вазнинии мутлақи бемориҳои дилу рагҳо (БДР) баланд боқӣ мемонад. Вазнинии бори гарони беморӣ бештар ба бемориҳои дилу рагҳо (БДР) рост меояд, ки дар байни онҳо БИД дар сохтори сабабҳои фавт ва талафоти глобалии солҳои саломатии ҳаёт мавқеи афзалиятнокро нигоҳ медорад; дар ин маврид қисми бештари натиҷаҳои фавтовар ба шаклҳои шадиди он, пеш аз ҳама, бо синдроми шадиди коронарӣ (СШК) иртибот доранд» [12, p. 2167].

Консепсияи муосири синдроми шадиди коронарӣ (СШК), ба барвақт ташхис кардани беморӣ ва табақабандии марҳилавии хатар-аз марҳалаи то беморхонагӣ то муроқибати статсионарӣ ва баъдибеморхонагӣ равона карда шудааст. Дар тавсияҳои клиникӣ «аҳамияти муҳимми тағйироти электрокардиографӣ – мавҷуд будан ё набудани баландшавии босуботи сегменти ST, депрессияи ST ва дигар тағйироти ишемикии ЭКГ – барои интихоби тактикаи муроқибати беморони мубтало ба СШК» таъкид карда мешавад [10, p. 1601-10]. Дар оянда инкишофи минбаъдаи консепсияи СШК-ро татбиқи шкалаҳои объективии арзёбии хатар ҳамроҳӣ мекунад, ин имконият медиҳад, ки «На танҳо пешгӯӣ мушаххас карда шавад, балки интихоби тактикаи табобат низ асоснок карда шавад. Дар ин бобат шкалаи GRACE аҳамияти муҳим дорад, ки барои табақабандӣ кардани хатар дар кӯдакони дорои СШК ва пешгӯӣ кардани фавти кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, инчунин хатари фавт/инфаркти миокард таъйин карда шудааст» [11, e004425]. Чунин усули идоракунии синдроми шадиди коронарӣ (ОКС) дар тавсияҳои ESC рушди минбаъда пайдо намуда, ба инфиродӣ намудани табобат равона гардидааст [9; с.3720].

Дар баробари такмил додани равишҳои ташхисӣ ва пешгӯйикунанда барои мурокибати СШК, аҳамияти бузурги эпидемиолгии бемориҳои дилу рагҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ нигоҳ дошта мешавад, ки дар ин ҷо дар сохтори фавт аз дилу рагҳо низ саҳми калони шаклҳои шадиди БИД боқӣ мемонад. Ҳамин гуна тамоилҳо дар кишварҳои ҷудогонаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Узбекистон низ тавсиф шудааст «Ҳамчунин дар ду даҳсолаи охир рушди беморшавӣ ва фавт аз бемориҳои дилу рагҳо ба мушоҳида мерасад, дар ин маврид сохтори фавт аз сохтори ҷаҳонӣ фарқ надорад» [1; с. 60-64]. Тавре ки маълумотҳои адабиётҳои илмӣ нишон медиҳанд, «дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоили ташвишовар дар солҳои охир зиёд шудани фавт аз дилу рагҳо дар байни ҷавонон ва шахсони қобилияти корӣ мебошад» [8; с. 56-64]. Маълумотҳои ба даст овардашуда ба натиҷаҳои таҳқиқоти GBD бо истифода аз пешгӯйиҳои Бонки Умумиҷаҳонӣ мувофиқат мекунанд, ки мувофиқи онҳо «Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ сатҳи баланди фавт ва маъюбшавӣ аз бемориҳои дилу рагҳо нигоҳ дошта мешавад, ки вазнинии бори ин бемориро дар минтақа инъикос мекунад. Динамикаи ногувори тамоили афзоиши миқдори мутлақи ҳолатҳо дар соли 2050 дар заминаи тағйироти демографӣ ва паҳншавии инкишофи омилҳои хатар ба чашм мерасад. Чунин вазъият зарурати пурқувват кардани стратегияҳои профилактикӣ ва табобатии ба кам кардани хатари рагҳо ва беҳтар сохтани натиҷаҳо нигаронидашударо таъкид мекунад» [4; ehdi044].

СШК дар синну соли ҷавонӣ ва миёна метавонад дорои як қатор махсусиятҳо бошад, ки аз профили клиникӣ, сохтори омили хатар, сари вақт мурочиат кардан барои ёрии тиббӣ ва минбаъд майл доштан ба табобат вобастагӣ доранд. Арзёбии саҳми нисбии омилҳои ҷудогона, аз ҷумла, синну сол, шохиси массаи бадан, бемориҳои серебоваскулярӣ ва ихтилолҳои равонию эмотсионалӣ дар беморони СҶМ якранг нест [7, с.14-20; 11, e004425]. Таваҷҷуҳи махсусро вусъат ёфтани паҳншавии фарбеҳӣ талаб мекунад, зеро саҳми он дар амалӣ гаштани СШК дар шахсони солхурда ва беморони дорои СҶМ ба таври гуногун баррасӣ карда мешавад [12, 2167-2243; 14, 448-453].

«Азбаски шахсони гирифтори СҶМ потенсиали корӣ ва интеллектуалии ҷомеа мебошанд, проблемаи мазкур ҳам аҳаммияти тиббӣ ва ҳам иҷтимоӣ касб мекунад. Саҳми бузургро дар ин тамоил метавонанд тағйир додани тарзи ҳаёти одамони ҷавон, аз ҷумла гиподинамия, зиёд истеъмол кардани карбогидратҳои ҳазмашон сабук гузоранд..., дар онҳо суръати баланди умумии ҳаёт мавҷуд аст, онҳо дучори стресси музмин ҳастанд» [7; с.14-20].

Тибқи маълумоти адабиёти илмӣ дар ҷараёни СШК ихтилолҳои таҳлукаву депрессивӣ аҳаммияти муҳимми клиникӣ доранд. Онҳо ”ҳамчун омилҳое, ки бо натиҷаҳои ногувор, паст шудани сифати ҳаёт ва майл доштан ба табобат ҳамбастагӣ доранд, баромад мекунанд. Бештари мавридҳо синдроми асабӣ-равониро инкишофи камбуди конгнитивӣ ҳамроҳӣ мекунад, ки ҳамчун звенои мустақили патологӣ ва маркери пешгӯйикунандаи ҷараёни беморӣ баррасӣ карда мешавад» [3; с. 9-63].

Дар оғози таҳқиқоти мазкур дар фаҳмиши хусусиятҳои минтақавии ҷараёни СШК дар когорти синнусолии аз 60-сола ҷавон, аз ҷумла нақши муайян карданашудаи синдромҳои ба ҳам алокаманди дилу рагҳо ва равонию асабӣ, инчунин набудани арзёбии миқдории тағйиротҳои замонӣ дар басомади пешхабарҳо ва натиҷаҳо нигоҳ дошта шудаанд. Ин вазъият барои гузаронидани таҳқиқоти думарҳилавии муқоисавӣ асос гашт (давраи солҳои 2009–2012 ва 2019–2022), ки ба ошкор сохтани динамикаи хронологии омилҳои хатари инкишофи чараёни оризанок ва ҳолатҳои дуру ногувори дилу рагҳо (ҲНДР) равона шудаанд.

Шароити иловагӣ он шуд, ки марҳалаи дуюми таҳқиқот қисман ба пандемияи SARS-CoV-2 рост омад, ки хатсайри беморони дорои СШК-ро тағйир дод, боисти таъхир кардани муроҷиат барои ёрии тиббӣ, афзоиши хатари тромбозӣ ва бад шудани пешгӯйӣ дар як қсми беморон гашт [18, 1-20], ки зарурати таҳлили тафриқавии даврахои то пандемия ва пандемияро дар доираи давраи дуюм ба миён овард. Мувофиқи шарҳи илмие, ки аз тарафи ТУТ нашр шудааст, дар соли аввали пандемияи COVID-19 паҳншавии ихтилолҳои таҳлука ва депрессия то 25% зиёд шуд. Дар шарҳ қайд карда мешавад, ки «Ин хабари

ташвишовар барои ҳамаи кишвар аст, даъват мекунад, ки ба солимии равонӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад ва солимии равонии аҳолии худро беҳтар датгирӣ кунанд. Яке аз далелҳои асосии чунин зиёд гаштани беморшавӣ - стресси бесобиқа мебошад, ки аз маҳдудиятҳои иҷтимоӣ дар натиҷаи пандемия ба ҳисоб меравад. Бо ин маҳдуд шудани имкониятҳои кор кардан барои одамон, дастгирӣ ёфтан аз наздикон ва иштирок кардан дар ҳаёти ҷомеаи худ вобаста аст» [17; 02-03-2022].

Аҳаммияти ихтилолҳои таҳлукаву депрессия дар заминаи СШК дар заминаи мушкилоти муосири эпидемӣ, аз ҷумла пандемияи COVID-19 омузиши иловагиро талаб мекунад, «ки омили муҳимми иҷтимоӣ ва биотиббие гашт, ки метавонад ҷараёни БДР-ро тағйир диҳад» [18; с. 1-20]. Бо дар назардошти ин «Дар давраи пандемияи COVID-19 мелатонинро ҳамчун воситаи адъювантӣ баррасӣ кардан лозим аст, ки ритми сиркадӣ ва сохтори хобро муътадил мегардонад ва ин бавосита барои кам шудани симптоматикаи таҳлукаву депрессивӣ мусоидат менамояд, сатҳи ошуфтагиро паст ва вазъи умумии равониро беҳтар месозад. Дар баробари ин, таъсири потенсиалии хуби он ба функсияҳои когнитивӣ баррасӣ мешаванд, ки бо кам шудани тағйироти асабиву илтиҳобӣ ва барқароршавии гомеостази нейрометаболикӣ алоқаманд ҳастанд, дар ҳолате, ки оид ба таъсири психотропии мустақили вай маълумоти боэътимод мавҷуд нест» [19; 117583].

Потенсиали кардиопротективии МТ қаблан низ дар заминаи БИД омухта шудааст [15, 6:100044; 19, 250:117583], ба ҳар ҳол, самаранокии муҳофизатии воқеии он нисбат ба ҷараёни COVID-19 ва ҳодисаҳои дуру нохуби дилу рагҳо дар шахсони дорои СҶМ, ки СШК –ро аз сар гузаронидаанд, камомухта боқӣ мемонанд. “Озмоиш”-и табиии муқарраркардашуда вазифаи илмии мушаххаси арзёбии иртиботи миқдории истеъмоли профилактикии МТ-ро бо хатари ҲНДР дар когорти зикршудаи осебпазир муайян кард.

Омили иловагие, ки таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад, осебҳои коморбидии ҳавзаҳои коронарӣ ва серебралӣ ба ҳисоб мераванд. Ин бо он вобаста аст, ки “ дар беморони дорои фишорбаландии шарёнӣ ва раванди

серлонаи атеросклерозӣ лаҳзаҳои такрории цереброваскулярӣ метавонанд, ки пешрафти ихтилолҳои рагҳои когнитивиро сар кунанд ” [2, с.160]. “Баъди COVID-19-и аз сар гузаронидашуда, камбуди когнитивӣ, ки махсусан ҳангоми бемории ибтидоии дилу рагҳо возеҳтар аст, хусусияти омили муҳимми ногувори тиббӣ-иҷтимоиро касб мекунад” [13, р. 68-78]. Дар ин маврид хусусиятҳои сохторӣ-динамикии норасоии когнитивӣ (НК) дар беморони мухташавандаи гурӯҳи синнусолии дорои СШК дар давраҳои гуногуни замонӣ қимсан мушаххасшуда боқӣ мемонанд.

Бояд қайд кард, ки таҳқиқотҳое, ки тағйироти пешгӯйии аҳаммияти клиникӣ-демографӣ, омилҳои гемодинамикӣ ва асабиву равониро дар давраҳои гуногуни замонӣ мавриди муқоиса қарор дода бошанд, хеле кам ҳастанд. Маҳдудияти аз ҷиҳати бунёдӣ муҳим дар таҳқиқотҳои қаблӣ асосан дизайни яклаҳзаинаи онҳо мебошад, ки сохтори предикториро (пешхабариро) дар ҳудуди як давраи муоина инъикос мекунад.

Дар адабиёти илмӣ натиҷаҳои таҳқиқоти омилҳои хатар ва фавти беморхонагӣ дар когортҳои дусолаи беморони аз 50-сола ҷавони дорои СШК пешниҳод карда шудааст, ки бидуни назардошти ихтилолҳои клиникӣ-гемодинамикӣ ва таҳлукаву депрессивӣ гузаронида шудаанд. Муаллифон қайд мекунанд, ки «Дар гурӯҳҳои пай дар пайи беморони аз 50-сола ҷавони дорои СШК бо гузашти вақт паҳншавии омилҳои хатари ҷудогона кам шуда, басомади дахолатҳои инвазивӣ зиёд гаштааст, аммо дар фавти беморхонагӣ кам нашуда ва дар сатҳи 1% боқӣ мондааст» [16; 131294].

Мавҷуд набудани чунин арзёбии муқоисавӣ дар порчаи дарозмуддати вақт мутобиқшавии тавсияҳои клиникиро, ки профили бемори муосири дорои СШК-ро тағйиримедиҳанд, мушкил месозад. Омузиши саҳми омилҳои демографӣ, клиникӣ-гемодинамкӣ, метаболикӣ ва асабиву равонӣ дар инкишофи натиҷаҳои ногувори СКШ дар шахсони ҷавон ва синну соли миёна дар давраҳои гуногуууни вақт вазифаи мубрами илмӣ махсуб мешавад, ки ҳаллу фасл кардани он ба кам кардани беморшавии дилу рагҳо ва фавт аз онҳо нигаронида шудааст.

**Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омузиш.** Дараҷаи коркарди илмии проблемаи СШК-ро таҳқиқотои сершумори олимони ватанӣ ва хориҷӣ муайян мекунанд, ки ба эпидемиология, омилҳои хатар, ҷараёни клиникӣ, тактикаи мурокибат ва пешгӯйӣ бахшида шудаанд. Ҳамзамон бештари таҳқиқотҳо пешхабарҳои натиҷаҳои ногуворро асосан дар доираи як давраи муоина, бидуни муқоиса намудани давраҳои гуногуни замонии беморони дорои СҶМ баррасӣ мекунанд. Ҳамчунин хусусиятҳои минтақавии таъсири омехтаи омилҳои клиникӣ-метаболикӣ, цереброваскулярӣ ва асабиву равонӣ ба ҷараёни СШК ва инкишофи ҳодисаҳои ногувори дилу рагҳо бақадри кофӣ омухта нашудаанд.. ва инкишофи ҳолатҳоиногувори дилу рагҳо

Ихтилолҳои таҳлукву депрессивӣ ҳамчун омилҳои муҳимми пешгӯйии нохуб ҳангоми инфаркти миокард ва СШК баррасӣ мешаванд [World Health Organization (17)]; "Аҳаммияти пешгӯйикунандаи онҳо нисбат ба ҳолатҳои такрории коронарӣ ва декомпенсатсияи норасоии дил дар пажуҳишҳои олимони хориҷӣ тасдиқ карда шудааст» [Ossola P. и др., (14)]. Ғайр аз ин, нишон дода шудааст, ки «Дар беморони дорои ихтилолҳои преддементии маърифатии СШК дар анамнез ба таври эътимоднок зиёд ба қайд гирифта мешавад» [Johnson L. A. (13)].

Чунин ҳисоб карда мешавад, ки «Пандемияи COVID-19 омили иловагии берунӣ шуда мондааст, ки боиси вазнин гаштани ҷараёни СШК, маҳдуд кардани сари вақт расонидани ёрии тиббӣ  ва пурқувват кардани возеҳии ихтилолҳои когнитивнӣ ва психоэмотсионалӣ мегардад, ки ин зарурати мушаххас кардани равишҳои ташхисиву табобатӣ-тактикӣ ва реабилитатсиониро дар беморони  ин категория таъкид мекунад» [58. ва дигарон].

Дар баробари ин, таҳлили адабиёти илмии дастрас аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таъсири якҷояи омили муваққатӣ, бемориҳои ҳамроҳшудаи дилу рагҳо , аворизи цереброваскулярӣ ва ихтилолҳои асабиву равонӣ ба таҳаввулот ва пешгӯйии СШК дар беморони дорои СҶМ ба қадри кофӣ омухтанашуда боқӣ мемонанд. Махсусн маълумотҳои таҳқиқотҳои муқоисавӣ, ки тағйироти профили беморони дорои СКШ-ро  дар давраҳои гунногуни замонӣ, аз ҷумла давраҳои

то пандемия ва марҳалаи пандемиро инъикос мекунанд, маҳдуд мебошанд. Холигоҳи зикршудаи илмӣ мубрамӣ ва мақсаду дизайни таҳқиқоти мазкурро муайян кардад.

**Робитаи тачқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи Барномаи миллии «Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва травматизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми ноябри соли 2012, № 676 тасдиқ шудааст, иҷро шуда, ба банди 3-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.09. соли 2020, таҳти № 503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқотҳои илмӣ барои солҳои 2021-2025» мувофиқат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** – такмил додани стратегияи муроқибати беморони сигнну соли ҷавон ва миёнаи дорои СШК дар асоси таҳлили таъсири омили муваққатӣ ча пандемияи COVID-19 ба профили клиникӣ-гемодинамикӣ, метаболикӣ ва равониву асабии беморон, ҷараёеи клиникии беморӣ, басомади ҳолатҳои нохуби дилу рагҳо аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти семарҳилавӣ: БТИ шуъбаи қабул, табобати статсионарӣ ва муоинаи 12-моҳаи пас аз беморхонагӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

8. Муқоиса кардани хусусиятҳои ҷараёни клиникӣ, тактикаи муроқибат ва оризаҳои барвақти СШК дар беморони ҷавон ва синну соли миёна дар марҳалаи БТИ дар ду марҳаалаи таҳқиқот бо фосилаи 10 сол ва муайян кардани тағйиротҳои асосии муваққатии марҳалаи муроқибати беморони дорои СШК.

9. Арзёбӣ намудани таъсири омили змонӣ ба хусусиятҳои клиникӣ-инструменталӣ, метаболикӣ ва равониву асабии беморони гирифтори СШК, ҳамчунин басомади ҲНДР-и дур ҳангоми муқоиса кардани марҳалаҳои беморхонагӣ муоинаи 12-моҳаи бъди беморхонагӣ дар давраи I-и таҳқиққот бо марҳалаи топендемии марҳалаи давраи II; муқаррар кардани хусусиятҳои замонии ҷараёни клиникӣ ва профили клиникӣ-пешгӯйикунандаи СШК.

10. Гузарониддани таҳлили муқоисавии хусусиятҳои ҷараёни клиникии СКШ, тағйиротҳои нишондиҳандаҳои клиникӣ-инструменталӣ, равониву асабӣ ва басомади ҲНДР дар давоми муоинаи 12-моҳаи бъди беморхонагӣ дар беморон дар марҳалаҳои топендемӣ ва пандемии давраи дуюм; ҷудо кардани тамоилҳои асосӣ, ки барои дараи пандемияи COVID-19 хос мебошанд.

11. Омузиши таъсири SARS-CoV-2 аз сар гузаронидашуда ва истеъмоли профилактикии мелатонин ба ҷараёни клиникии СШК ва хатари пайдо шудани ҲНДР дар давоми муоинаи 12-моҳаи бъди беморхонагӣ дар беморони дорои СҶМ.

12. Дар асоси арзёбии комплексии трансформатсияи профили клиникӣ-гемодинамикӣ, метаболикӣ ва равониву асабии беморони дорои СҶМ бо СШК дар давраҳои гуногуни замонӣ муайян кардани аҳаммияти пешгӯйикунандагии нишондиҳандаҳо омухташуда нисбат ба ҲНДР-и дур.

13. Иҷро кардани таҳлили муқоисавии стратегияи муроқибати беморони ҷавон ва синну соли миёнаи дорои СКШ дар давраҳои гуногнуи таҳқиқот бо назардошти хусусиятҳои ташкилӣ ва клиникӣ ва маҳдудиятҳои барои ҳар як давра хос.

14. Самтҳои оптимизатсия кардани муроқибати беморони ҷавон ва синну соли миёнаи дорои СКШ дар асоси натиҷаҳои ба даст овардашуда.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот - бемороне, ки ба шуъбаи қабул ва ё шуъбаи махсуси кардиолгӣ бо СКШ, яъне бо эҳтимоли зиёди инкишофи инфаркти миокард ё стенокардияи муқарраркардашудаи ноустувор ва инфаркти миокард дохил шудаанд.

Таҳқиқот 2 давраро фаро мегирад: давраи якум - дар солҳои 2009-2012 ва давраи дуюм – дар солҳои 2019-2022. Дар давраи якум объекти таҳқиқот 1352 бемор буд, ки ба шуъба қабул бо эҳтимоли ИМ дохил шудаанд, аз онҳо 855 бемори дорои СҶМ гурӯҳи асосиро ташкил доданд, 497 бемор ≥60 сол – гурӯҳи муқоисавиро. Бо дар назардошти он, ки дар марҳалаи якуми таҳқиқот аз миқдори умумии беморони дорои СКШ ба БТИ шуъбаи қабул дохилшуда, 63,3%-робеморони дорои СҶМ ташкил доданд, марҳилаҳои минбаъдаи

таҳқиқот ба музиши амиқи исн категорияи синнусолӣ нигаронида шуда буданд. Ғайр аз ин, дар марҳалаи статсионарӣ 182 бемори дорои СҶМ таҳқиқ карда шуд, ки дар шуъбаи кардиологӣ бо СН (стенокардияи ноустувор) ва ИМ бистарӣ карда шуда буданд.

Дар давраи дуюми таҳқиқот дар марҳалаи шуъбаи қабул бо БТИ дар таҳлили ниҳоӣ 598 бемори дорои СҶМ бо СШК дохил карда шуд: 410 нафар – дар марҳалаи то пандемия ва 188 нафар – дар давраи пандемия. Дар марҳалаи статсионарии давраи дуюм 221 бемор дохил карда шуда буд, ки дар шуъбаи кардиология бо стенокардияи ноустувор ё инфаркти миокард бистарӣ шуда буданд: 161 нафар - дар марҳалаи то пандемия ва 60нафар-дар марҳалаипандемия.

**Мавзуи таҳқиқот.** Бо назардошти давраҳо ва марҳалаҳои таҳқиқот нишондҳандаҳои клиникӣ-анамнезӣ, аз ҷумла аломатҳои беморӣ, басомад ва возеҳии бемориҳои аз ҷиҳати этиопатогенезӣ алоқаман ва ҳамбастгӣ бо СШК омухта шуданд: нишондиҳандаҳои лабороторӣ, аз ҷумла маркёрҳои махсуси дил, СРБ, АСТ ва АЛТ, креатинин, қанди хун, нишондиҳандаҳои мубодилаи липидҳо, нишондиҳандаҳои инструменталӣ, ки осебҳои субклиникии дил ва рагҳо аз ҷумла дисфунксияи диастоликии маъдачаи чап, ғафсии комплекси интима-медиаи шарёнҳои брахиосефалӣ ва ноустувории ҳалқаҳои атеросклерозиро инъикос мекунанд; ихтилолҳои асабиву равонӣ (синдромҳои таҳлука, депрессия ва возеҳии норасоии когнитивӣ), инчунин нишондиҳандаҳои тиббӣ-иҷтимоӣ: синну сол, ҷинс, хатсайр ва муҳлати бистаришавӣ, тактикаи муроқибати беморони дорои СШК дар давраҳои барвақти таҳқиқот, истифодаи усулҳои инвазивии табобатӣ-ташхисӣ. Нишондиҳандаҳои дар боло зикршуда, дар иртиботи байниҳамдигарӣ бо миқдори оризаҳои барвақт ва дури ҲНДР, ки давоми 12 моҳи пас аз рухсат шудан инкишоф меёбанд, аз ҷумла ИМ аввалия ва такрории накушанда, инсулт, фавт аз бемориҳои дилу рагҳо, реваскуляризатсияи ҷарроҳии ба таври таъҷилӣ гузаронидашудаи миокард. Ғайр аз ин, дар давраи дуюми таҳқиқот арзёбии

таъсири пандемияи COVID-19 ва истеъмоли профилактикии мелатонин ба ҷараёни СШК гузаронида шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақиқоти комплексии хусусиятҳои клиникӣ-ташхисии СШК дар ҷавонон ва синну соли миёна дар ду давраи замонӣ, бо назардошти пандемия, омилҳои равониву асабӣ ва ҲНДР гузаронида шуд. Дар асоси омузиши таъсири *омили «замон»* (ҳангоми муқоиса кардани натиҷаҳои ду давраи таҳқиқоти бо фосилаи 10 сол гузаронидашуда) ва *омили «пандемияи* COVID-19» (ҳангоми муқоиса кардани марҳалаҳои то пандемия ва марҳалаи пандемияи давраи дуюм) ба ҷараёни СКШ дар беморони дорои СҶМ ду гурӯҳи хатари ҷараёни пешравандаи беморӣ ва бад шудани пешгӯӣ ҷудо карда шуд: предикторҳои (пешхабарҳои) ҳолатҳои нохуби дури дилу рагҳо, аз чумла фавт.

Бори нахуст дар асоси маводи клиникӣ, ки ду давраи замониро бо фарқияти даҳсола дар бар мегирифт, таъсири дуҷонибаи «омили замон» ба ҷараёни СШК дар беморони когорти омухташаванда нишон дода шуд. Дар заминаи давтовардҳои дар давоми солҳои охир ба даст овардашуда дар бахши ташкилнамудани ёрии тиббӣ дар давраи то беморхонагӣ ва беморхонагӣ, татбиқ намудани усулҳои муосири инвазивӣ ва табобати зиддитромбоситарӣ, тамоилҳои нави нохуб муайян карда шуданд –саршавии нисбатан барвақти СШК, зиёд шудани басомади СШК дар синну соли нисбатан ҷавонтар, афзоиши массаи барзиёди бадан ва фарбеҳӣ, дислипидемия ва аломатҳои атеросклерози системавӣ дар байни беморони гурӯҳҳои синну солии омухташавандаи дорои СШК. Маҷмуи маълумотҳои ба даст овардашуда имконият медиҳад, ки тағйиротҳои замонии клиникӣ-эпидемиологӣ ба таври нав арзёбӣ карда ва самти оптимизатсияи тактикаи муроқибати беморон мушаххас карда шавад.

Афзоиши аҳаммити пешгӯйикунандагии осебҳои субклиникии дил ва шарёнҳо, аз ҷумла ДДМЧ, зиёд шудани ҒИМ ва мавҷуд будани ҳалқаҳои атеросклерозии (ҲА) шарёнҳои брахиосефалӣ, воеҳии синдромҳои асабиву равонӣ нисбат ба пешгӯйии нохуб дар беморони ин категорияи синнусолии дорои СШК ба мушоҳида расид. Нишон дода шуд, ки синдромҳои возеҳи

таҳлкуаву депрессевӣхатари норасоии когнитивиро баланд мебардорад ва дар давраи пандемияи COVID-19дарачаи иртиботи мутақообилаи онҳо аз вазнинии сирофти аз сар гузаронидашуда ва истеъмоли профилактикии мелатонин вобаста аст. Бори нахуст муқаррар карда шуд, ки аҳаммити пешгӯйикунандагии омилҳои дури ҲНДР дар беморони дорои СҶМ бо СШК хусусияти вобастагии даврагӣ ва марҳилавӣ дорад: сар карда аз аҳамияти афалиятноки омилҳои метаболикӣ дар давраи I –и таҳқиқот ба афзудани нақши нишондиҳандаҳои рагҳо, хусусиятҳои ҷараёни беморхонагии СШК, хатари фавт, синну сол, вазнинии COVID-19 ва ихтилолҳои асабиву равонӣ дар марҳалаҳои давраи II.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмӣ-амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз амиқ сохтани тасаввурот дар бораи қонуниятҳои параметрҳои клиникӣ-метаболикӣ, кардиоваскулярӣ ва асабиву равонии беморони дорои СҶМ бо СШК таҳти таъсири омили замонӣ ва стрессорҳои берунӣ иборат мебошад. Маълумотҳои ба даст овардашуда имконият медиҳанд, ки хусусиятҳои тағйироти профили клиникӣ-пешгӯйикунандаи беморони дорои СШК ва натиҷаҳои дури беморӣ дар шароити муосир муфассал арзёбӣ карда шаванд.

Арзёбии якпорчаи ҳолати сохторӣ-функсионалии системаи дилу рагҳо дар якҷоягӣ бо таҳлили ихтилолҳои асабиву равонӣ дақиқии табақабандии хатар ва пешгӯйии ҲНДР-и дурро дар ин категорияи беморон баланд мебардорад. Алгоритми пешниҳодшудаи ташхис ва тактикаи муроқибати беморони дорои СҶМ бо СШК таъсири омили замонӣ, ихтилолҳои асабиву равонӣ ва махсусияти маълумотҳои давраи пандемиро ба эътибор мегирад, дар заминаи таҳлили комплексии маълумотҳои клиникӣ, лабораторӣ ва инструменталӣ бунёд мешавад.

Истифодаи он имконият медиҳад, ки марҳила ба марҳила хатари бад шудани пешгӯйӣ баҳогузорӣ карда, дар статсионар сари вақт чорабиниҳои профилактикӣ ва табобатӣ ва дар муоинаҳои минбаъдаи диспансерӣ гузаронида шаванд.

Таҳлили ҷараёни СШК то ва пас аз замони пандемия асос шуда метавонад, ки COVID-19 ҳамчун омили берунии амиқсозандаи тамоилҳои ногувори рагҳову метаболикӣ ва асабиву равонӣ дар беморони дорои СҶМ баррасӣ карда шавад. Усусиятҳои нисбатан хуби асабиву равонӣ ва клиникиву пешгӯйикунанда дар беморони дорои СШК ҳангоми истифодаи профилактикии мелатонин дар доираи табобати комплексӣ, асос мешавад, ки вай ҳамчун ҷузъи имконпазири дастгирии пас аз беморхонагӣ, махсусан дар давраи эпидемия бо назардошти хуб таҳаммул кардани препарат, таъсири хронобиотикӣ ва таъсири потенсиалии зиддиилтиҳобӣ баррасӣ карда шавад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Мукаррар карда шуд, ки ҷараёни синдроми шадиди коронарӣ дар марҳилаи то пандемияи давраи II таҳқиқот, хусусиятҳои хосе дошт, ки таъсири омили вақтро инъикос менамоянд: афзоиши басомади синдромҳои возеҳи изтироб, депрессия ва норасоии когнитивӣ, инчунин зиёдшавии бемориҳои ҳамрадифи дилу рагҳо ва мағзи сар, аз ҷумла гипертензияи артериалӣ, бемории ишемикии дил ва сактаи мағзи сари аз сар гузаронидашуда.

2. Исбот карда шуд, ки дар гузашта ҷой доштани норасоии музмини дил ва сактаи мағзи сар, зиёдшавии ғафсии комплекси интима-медиаи шараёнҳои хоб ва афзоиши басомади гиперхолестеринемия зуҳуроти бо ҳам алоқаманди ривољи ихтилолҳои рагию метаболикӣ ва нейропсихикӣ мебошанд; тағйироти зикршуда бо зиёдшавии оризаҳои барвақтии ОКС ва ҳодисаҳои номатлуби дури дилу рагҳо њамрохї мекунанд.

3. Асоснок карда шуд, ки омилҳои нейропсихикӣ ҳангоми стратификатсияи хавф дар беморони синну соли ҷавон ва миёнасол бо ОКС бояд ба назар гирифта шаванд, зеро афзудани аҳамияти ин омилҳо дар ташаккули ҷараёни клиникии ОКС ва ҳодисаҳои номатлуби дури дилу рагҳо бо тағйироти сохторию функсионалии дил ва рагҳо, аз ҷумла зиёдшавии ғафсии комплекси интима-медиа ва зуҳуроти дисфунксияи диастолии меъдачаи чап, ҳамроҳ буд.

4. Муайян карда шуд, ки гурӯҳи хавфи баланди оризаҳои барвақт ва ҳодисаҳои номатлуби дури дилу рагҳо аз беморони дорои чунин хусусиятҳо иборат аст: бартарии мардон, вазни зиёдатӣ ва фарбеҳӣ, нишонаҳои дисфунксияи диастолии меъдачаи чап, зиёдшавии ғафсии комплекси интима-медиаи шараёнҳои хоб ва дислипидемияи атерогенӣ. Ин зарурати назорати пурзӯр ва ислоҳи фаъоли омилҳои хавфро асоснок менамояд.

**5.** Муқаррар карда шуд, ки давраи пандемия ва COVID-19-и аз сар гузаронидашуда омилҳои муҳими тағйирдиҳандаи ҷараёни клиникӣ ва пешгӯии ОКС дар беморони синну соли ҷавон ва миёнасол мебошанд. Барои ин марҳила ҳолати вазнини клиникӣ, ҷараёни оризаноки ОКС дар беморхона, зиёдшавии хавфи фавт ва ҳодисаҳои номатлуби дури дилу рагҳо хос мебошанд. Вазнинии COVID-19-и аз сар гузаронидашуда, синну сол, депрессия, зиёдшавии ғафсии комплекси интима-медиа ва ноустувории лавҳаҳои атеросклерозӣ аҳамияти прогностикӣ пайдо мекунанд.

**6.** Исбот карда шуд, ки ихтилолҳои возеҳи изтиробу депрессия ва норасоии когнитивӣ дар беморони синну соли ҷавон ва миёнасол бо ОКС ҷузъҳои муҳими хусусиятҳои клиникӣ-прогностикии беморӣ буда, бо ҷараёни номусоид ва зиёдшавии басомади ҳодисаҳои номатлуби дури дилу рагҳо алоқамананданд. Дар ин маврид мелатонин тавассути ба эътидол овардани ритмҳои сиркадӣ метавонад ба баланд бардоштани самаранокии дастгирии баъдибистарӣ мусоидат намояд. Гуногунӣ ва тағйирёбии хусусиятҳои клиникӣ-прогностикии беморон муносибати тафриқавиро тақозо менамояд, ки он сари вақт муайян намудани омилҳои хавфи баланд ва пешрафти беморӣ, таъмини пайдарҳамии назорат ва татбиқи тактикаи мувофиқи табобатию пешгирикунандаро дар бар мегирад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои ҳосилшуда**. Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тасияҳои амалӣ тавассути дизайни муносиби таҳқиқот, ҳаҷми кофии маводи клиникӣ, критерияҳои мушаххаси воридкунӣ ва хориҷкунии беморон, истифодаи усулҳои муосиру иттилоотноки клиникӣ-инструменталӣ, лабораторӣ ва асабиву равонии таҳқиқот таъмин карда

шудааст. Эътимоднокии натиҷаҳои ба даст овардашударо ба кор бурдани усулҳои дурусти коркарди оморӣ, аз ҷумла таҳлилҳои муқоисавӣ, коррелятсионӣ ва регрессионӣ тасдиқ мекунанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар нашрияҳои тақризшавандаи илмӣ интишор шуда, дар конференсияҳои илмии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо тавсиф ва соҳаи таҳқиқ).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ мувофиқи шиносномаи Комиссияи олии аттестасионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 14.01.04 – Бемориҳои дарунӣ иҷро карда шуда, ба зербандҳои 3.4 (Этиология, патогенез, омилҳои хатара, генетикаи бемориҳои узвҳои дарунӣ), 3.7. (Ихтилолҳои функсияҳои узвҳои дарунӣ, ҳам дар беморон ва ҳам дар шахсони солими калонсол), 3.8. (Аломатҳои клиникии бемориҳои узвҳои дарунӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯйи дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Тамоми доираи таҳқиқот ба иҷро намудани ғояҳои асосии диссертатсия нигаронида шуда, банақшагирӣ ва татбиқи амалии он, интихоби усулҳои таҳқиқот, ҷамоварии маводи аввалия, таҳлили муфассал ва арзёбии натиҷаҳои ба даст овардашуда аз тарафи муаллифи таҳқиқоти мазкур иҷро карда шудаанд; муаллифи рисола банақшагирӣ ва татбиқи амалии таҳқиқотро мустақилона анҷом додааст; интихоб ва таҳқиқи беморон, интихоби усулҳои таҳқиқот мувофиқи вазифаҳо, ҷамъоварии маводи аввалияи клиникӣ.

Муаллиф шахсан муназзам сохтани мавод, таҳлили маводи оморӣ, арзёбии параметрҳои клиникӣ-лабораторӣ, инструменталӣ ва маълумотҳои шкалаҳои асабиву равонӣ; тавзеҳи натиҷаҳои ҳосилшуда ва мураттаб сохтани хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ ва нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда шахсан аз тарафи муаллифи диссертатсия анҷом дода шудаанд Арзёбии натиҷаҳои таҳқиқоти инструменталӣ якҷоя бо табибони шуъбаи ташхиси функсионалии Маркази ҷумҳуриявии клиникии кардиологияи ВТ ва ҲИА ҶТ,МТШ ва МТШ №2 ба номи академик К.Т. Тоҷиев, ш. Душанбе амалӣ карда шудааст. Дар асоси натиҷаҳои ҳосилшуда алгоритми пешгӯйикунӣ оид ба оптимизатсияи

тактикаи профилактикӣ ва табобатии беморони дорои СҶМ бо СШК, аз ҷумла дар шароити пандемия таҳия карда шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар мавридҳои зерин гузориш шудаанд: дар конфересияҳои 58 - ва 73-юми илмии МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» бо иштироки намояндагони байналмилалӣ, Душанбе, солҳои  2011-2025; дар конгресси кардиологҳо, Бишкек, 2012; Конференсияи байналмилалии  П Иттиҳодияи терапевтҳои Авруосиё, 2015; дар Форуми IV байналмилалии кардиологҳо ва терапевтҳо ш. Москва, март, 2015; дар Съезди дуюми табибони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2019; дар конгресси  кардиологҳо ва терапевтҳо кардиологови кишварҳои Осиё ва ИДМ, Душанбе, 2019; Смпозиуми байналмилалии «Проблемаҳои бемориҳои сироятӣ», Душанбе, соли 2022; (Душанбе, солҳои 2019-2022), V - VII Республиканских научно-практической практических конференциях (2024-2026 гг), Конференсияҳои илмӣ-амалии X-XVI1 олимони ҷавон ва донишҷӯёни  МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» бо иштироки намояндагони байналмилалӣ (Душанбе, солҳои 2015-2024); дар ҷаласаи байникафедравии комиссияи проблемавии фанҳои терапевтии МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино»  (соли 2025).

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти диссертатсия  64 таълифоти илмӣ, аз ҷумла 15 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Маводи диссертатсия дар ҳаҷми 323 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шуда, аз муқаддима, 7 боб (шарҳи адабиёт, мавод  ва усулҳои таҳқиқот, 5 боби натиҷагириҳои худи муаллиф, баррасии натиҷаҳои ба даст овардашуда), хулосаҳо, тавсияҳои амалии таҳқиқот ва феҳристи  адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар диссертатсия 30 расм ва 99 ҷадвал оварда шудааст. Феҳристи  адабиёт  365 сарчашмаи илмиро дар бар гирифтааст, ки  аз онҳо 180 сарчашма аз муаллифони ватанӣ ва кишварҳои ИДМ ва 185 адабиёт аз кишаварҳои хориҷӣ мебошанд.

## МУҲТАВОИ ТАҲҚИҚОТ

Таҳқиқоти диссертатсия дар пойгоҳҳои клиникии кафедраҳои бемориҳои дарунии №2 ва таълими асосҳои бемориҳои дарунии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»-дар шуъбаи қабули Маркзи тиббии шаҳрӣ бо блоки табобати интенсивӣ ва дар шуъбаи кардиологии МТШ №2 ба номи К.Т. Тоҷиев (ш. Душанбе) гузаронида шудааст.

**Дизайни таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар формати таҳқиқоти бисёрмарказии проспективии когортии таҳлилии клиникӣ бо муоинаи дарозмуддати беморони дорои СШК бо мақсади арзёбӣ кардани ҳолатҳои дури нохуби дилу рагҳо (ҲНДР) иҷро карда шудааст. Ҳаҷми беморони таҳқиқшуда дар давраҳо ва марҳилаҳо дар ҷадвали 1 оварда мешавад.

**Ҷадвали 1.- Дизайни умумии таҳқиқот.**

| **Давра** | **Марҳала** | **Контингент** | **n** | **Самти асосии таҳлил** |
|---|---|---|---|---|
| Давраи I, с. 2009–2012. | БТИ шуъбаи қабул, табобатӣ-ташхисӣ | Ҳамаи синну сол, эҳтимоли зиёди ИМ/СШК | 1357 → 1352 | Сохтор, чараёни СКШ, оризаҳои барвақт, фавт, хатсайр |
| Давраи I, с. 2009–2012. | Статсионарӣ | СҶМ бо ИМ ё СН | 182 | Арзёбии клиникӣ-анамнезӣ, лабораторӣ-метаболикӣ, инструменталӣ, асабиву равонӣ |
| Давраи I, с. 2009–2012. | Баъдибеморхонагӣ | СҶМ баъдирухсат шавӣ | 178 | ҲНДР/MACE 12-моҳа 12- |
| Давраи II, МТП | БТИ шуъбаи қабул, табобатӣ-ташхисӣ | СҶМ бо СШК | 415 → 410 | Муқоиса бо давраи I; арзёбии 10-солаи тағйироти замонӣ |
| Давраи II, МТП | Статсионарӣ | СҶМ бо ИМ ё СН | 161 | Арзёбии амиқ, таҳлили пешхабарҳоии натиҷаҳои нохуб |
| Давраи II, МТП | Баъдибеморхонагӣ | СҶМ после выписки | 158 | ҲНДР/MACE 12-моҳа |
| Давраи II, МП | БТИ шуъбаи қабул, табобатӣ-ташхисӣ | СҶМ бо СШК | 196 → 188 | Ҷараёни СШК ҳангоми пандемияи COVID-19 |
| Давраи II, МП | Статсионарӣ | СҶМ бо ИМ ё СН | 60 | Муқоисаи МТЭ; арзёбии клиникӣ-гемодинамикӣ, метаболикӣ ва асабиву равонӣ |
| Давраи II, МП | Баъдибеморхонагӣ | СҶМ баъдирухсат шавӣ | 55 | ҲНДР/MACE 12-моҳа |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Таҳлили иловагии давраи II | Баъдибеморхонагӣ | СҶМ бо СШК | 221* | Арзёбии таъсири COVID-19-и гузаронидашуда – сироят ва истеъмоли мелатонин |

Эзоҳ: n – миқдори таҳқиқшудагон; БТИ - блоки табобати интенсивӣ; СҶМ - синну соли ҷавон ва миёна; МТП — марҳалаи топандемӣ давраи II; МП - марҳалаи пандемӣ давраи II; НФ - натиҷаи фавтовар; ҲНДР/MACE - ҳолатҳои нохуби дилу рагҳо. Тирча: бори аввал таҳқиқшуда → ба коркарди марҳалаи дахлдор дохил карда шудаанд. *Дар таҳлили иловагӣ давраи II: COVID-19-сирояти гузаронидашуда - n=100, гузаронида нашудааст - n=121; истеъмоли мелатонин: ҳа- n=105, не - n=116.

Барои муайян кардани тағйиротҳои муваққатӣ ду давраи таҳқиқот бо фосилаи 10 сол гузаронида шуд: давраи I – солҳои 2009 -2012 , II - солҳои 2019-2022. Дар давраи II марҳалаҳои то пандемӣ (январи соли 2019 - апрели соли 2020) ва пандемӣ (майи соли 2020 – июли соли 2021) –ро ҷудо карданд.

Дар ҳар як марҳала таҳлил се марҳалаи пай дар пайро дар бар гирифт: марҳалаи табобатӣ-ташхисӣ дар сатҳи блоки табобати интенсивии (БТИ) шуъбаи қабул, марҳалаи статсионарӣ ва муоинаи баъдибеморхонагӣ дар давоми 12 моҳ. Муқоиса кардани марҳалаҳои т пандемӣ ва пандемӣ давраи II имконият дод, ки таъсири пандемияи COVID-19 ҳамчун омили берунии стрессшароити таҳқиқотро ба эксперименти табиӣ наздик месозад.

**Тавсифи шахсони таҳқиқшаванда.** Ташкил кардани гурӯҳҳо хусусияти ғайритасодуфӣ дошт ва дар асоси аломатҳои клиникӣ-демографӣ амалӣ карда шуд: синну сол, ҷинс ва шакли СШК, дар давраи II – низ бо назардошти сирояти гузаронидашудаи SARS-CoV-2 ва истеъмоли профилактикии мелатонин, ки мувофиқи тавсияҳои давраи пандемия таъйин шудааст. Ба таҳқиқот беморони дорои СШК ду категорияи синнусолӣ дохил карда шудааст: гурӯҳи асосӣ – синну соли ҷавон ва миёна (СҶМ); гурӯҳи муқоисавӣ – синну соли ≥60 -сола, дар давраи I барои арзёбии муроҷиаткунӣ, ҷараёни клиникӣ ва фавт дар сатҳи БТИ. Бо мақсади тавзеҳи дурусти нишондиҳандаҳои лабораторӣ ва инструменталӣ гурӯҳи назоратӣ аз ҳисоби шахсони бидуни СШК ташкил карда шуд, ки бо гурӯҳи асосӣ аз ҷиҳати синну сол ва ҷинс муқоисашаванда буд: n=40 дар давраи I ва n=30 – даор давраи II.

**Критерияҳои дохилкунӣ:** беморони СҶМ бо ташхиси СШК - инфаркти миокард ё стенокардияи ноустувор – ё бо эхтимоли зиёди инкишофи он.

**Критерияҳои хориҷкунӣ:** норасоии музмини дил, ФП (фраксияи партоб) пасттар аз 50%, тамоили паст ба табобат, деменсия, сироятҳои шадид, сактаи дил, кардиомиопатия, бемориҳои системавии илтиҳобӣ, БМГ марҳалаи 4-5, БМИШ (бемории музмини инсидодии шушщо) онкопатология, ДҚ типи 1.

**Усулҳои таҳқиқот.** Арзёбии комплексии ҷараёни СШК таҳлили клиникӣ-анамнезиро бо арзёбӣ кардани шикоятҳо, анамнез, бемориҳои ҳамроҳшуда ва шаклҳои СШК-ро дар бар гирифт; ташхиси лабораторӣ бо муайян кардани биомаркёрҳои махсуси дил, нишондиандаҳои спектри липидҳо ва маркёрҳои илтиҳоб; таҳқиқоти инструменталӣ, ки ЭКГ-ро дар динамика дар бар мегирад, дар мавриди зарурӣ - мониторинги холтеровӣ, эхокардиография о арзёбии функсияи диастоликии меъдачаи чап (МЧ), инчунин сканиркунии дуплексии шарёни брахиосефалӣ бо андозагирии ғафсии комплекси интима–медиа (ҒИМ) ва арзёбӣ кардани босуботии лавҳаҳои атеросклерозӣ.

Арзёбии статуси асабиву равонӣ аз муайян кардани синдромҳои таҳлука ва депрессия мувофиқи шкалаҳои Гамилтон (HAM-A, HAM-D) ва функсияҳои когнитивӣ мувофиқи шкалаи  Монреалии арзёбии когнитивӣ (MoCA) иборат буд. Табақабандии хатари фавт ИМ такрорӣ мувофиқи шкалаҳои GRACE ва TIMI гузаронида шуд; дар давраи II иловатан   шкалаи PRECISE-DAPT барои арзёбии хатари хунравӣ ба кор бурда шуд. Пайомадҳо аз рӯйи басомади оризаҳои барвақти дилу рагҳо ва фавт дар сатҳи БТИ, ҷараёни оризанок ва фавт дар статсионар, инчунин ҲНДР дур дар давоми 12 моҳи баъди рухсат шудан арзёбӣ карда шуданд. Ба таври илова таъсири сирояти COVID-19-и гузаронида ва истеъмоли профилактикии мелатонин таҳлил карда шуд.Тактикаи табобат дар ҳамаи марҳилаҳо ба тавсияҳои актуалии клиникӣ мувофиқат карданд. Дар давраи II имкониятҳои васеи ташхиси инвазивӣ (КАГ) ва табобат (АПК), инчунин татбиқи нисбатан васеътари табобати дукаратаи антитромбоситарӣ (ТДАТ) ба мушоҳида расид.

**Таҳили оморӣ** бо истифода аз бастаи Statistica 10.0 ва IBM SPSS Statistics 21.0. иҷро карда шуд. Барои муқоиса кардани нишондиҳандаҳои миқдорӣ t-критерияи Стюдент ва U-критерияи Манн-Уитни ба кор бурда шуданд; барои нишондиҳандаҳои сифатӣ - критерияҳои $\chi^2$ ва критерияи дақиқи Фишер истифода шуданд. Таҳлили коррелятсионӣ бо истифода аз коэффитсиентҳои Пирсон ва Спирмена гузаронида шуд. Барои муайян кардани омилҳои мустақили хатар ва арзёбии саҳми онҳо дар пайомадҳо аз таҳлили сершумори ростхата ва таҳлили логистии регрессионӣ истифода карда шуд; сатҳи аҳаммияти оморӣ ҳангоми $p<0{,}05$ будан қабул карда шуд.

## НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

**Давраи якуми таҳқиқот (солҳои 2009–2012): басомад ва хусусиятҳои ҷараёни СШК.** БТИ шуъбаи қабул. Дар давраи I –и таҳқиқот дар шуъбаи қабули кардиологӣ бо блоки табобати интенсивӣ (БТИ) 2279 бемор бо шубҳа кардан аз СШК бистарӣ карда шуданд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2.- Тавсифи муқисавии беморони гурӯҳи асосӣ (п=855) ва гурӯҳи муқоисавӣ (п=497) бо СШК; давраи I таҳқиқот.**

| Нишондиҳанда, мутлақ (%) | Группы пациентов с СШК | | |
|---|---|---|---|
| | Основная | Сравнения | Р |
| **Ҷинси беморон: - мардҳо** | 532 (62,2) | 248(49,8) | <0,0001 |
| **- занҳо** | 323 (37,8) | 249 (50,2) | <0,0001 |
| **Шохиси массаи бадан (кг/м²): - то 24,9** | 330 (38,6) | 95 (19,1) | <0,0001 |
| **- 25 ва бештар** | 525 (61,4) | 402 (80,9) | <0,0001 |
| **Расонида шуданд: - бо мошини ёрии таъҷилӣ** | 523 (61,2) | 188 (37,8) | <0,0001 |
| **- аз дигар МТП интиқол шудааст** | 269 (31,5) | 307 (61,8) | <0,0001 |
| **- худмуроҷиаткунӣ** | 63 (7,4) | 1 (0,2) | <0,0001 |
| **Вақти воридшавӣ баъди сар шудани дардҳо (≥12 соат)** | 31 (3,6) | 4 (0,8) | <0,05 |
| **Дар диспансер аз хусуси БИД муоина шудааст** | 312 (36,5) | 177 (35,6) | >0,05 |
| **Синдроми шадиди коронарӣ бо болоравии ST** | 368 (43,0) | 257 (51,7) | <0,01 |
| **Синдроми шадиди коронарӣ бе болоравии ST** | 477 (57,0) | 240 (48,3) | <0,01 |
| **Синдроми шадиди коронарӣ – оғози БИД** | 150 (17,5) | 39 (7,8) | <0,0001 |

*Эзоҳ*: р – аҳаммияти омории фарқияти нишондиҳандаҳо (мувофиқи критерияи $\chi2$).

Ташхиси СШК дар 1357 бемор тасдиқ карда шуд, ки аз миқдори умумии мурочиаткардаҳо 59,5%-ро ташкил дод. Сохтори ҳолатҳои тасдиқшудаи СШК дорои бартарии СШК бе баланд шудани сегменти ST (СШКбп ST) буд, ки ба он 53,7% рост меомад, дар ҳоле, ки СШК бо баландшавии ST (СШКп ST) дар 46,3% -и беморон ташхис карда шуд.

Оризаҳои барвақт, аз ҷумла фибриллятсияи пешдил, тахикардияи меъдача, шоки кардиогенӣ ва варами шушҳо, дар 7% -и бемороне, ки ба блоки табобати интенсивӣ дохил шуда буданд, инкишоф ёфтанд. Фавт дар марҳалаи то беморхонагӣ ва дар шароити БТИ нисбатан паст буда, 0,37%-ро ташкил дод. Дар оянда 1352 бемор ба таҳлил дохил карда шуд. Аз онҳо 855 бемори СҶМ буда, гурӯҳи асосиро, 497 бемор ≥60 -сола – гурӯҳи муқоисавиро ташкил доданд. Таҳлили муқоисавӣ фарқиятҳои муҳимми байни гурӯҳҳоро муайян кард ($p<0,0001$). Дар гурӯҳи асосӣ (СҶМ) мардҳо бартарӣ доштанд (62,2%), (61,2%)-и беморон бо мошини ёрии таъҷилии тиббӣ оварда шуданд, мустақилона мурочиат кардаҳо - (3,6%; $p<0,0001$), бори аввал СШК-и пайдошуда- (17,5%), инчунин беморони дер мурочиаткарда- (3,6%; $p < 0,05$). Дар гурӯҳи муқоисавӣ бештар занҳо (50,2%) дида шуданд, беморони аз дигар муассисаҳои тиббӣ интиқолшуда - (61,8%), бо массаи барзиёди бадан- (80,9%; $p < 0,0001$). Ҳиссаи беморони дар диспансер ба қайд гирифташудаи дорои БИД дар гурӯҳҳои мукоисавӣ муқоисашаванда буд ($p>0,05$). Дар беморони СҶМ бештар СШК бе баландшавии сегменти ST (57,0%), вале дар гурӯҳи муқоисавӣ каме бештар - СШК бо баланд шудани ST (51,7%, $p>0,05$) мушоҳида шуд.

Нишондиҳандаи миёнаи категорияи хатари фавт дар гурӯҳи беморони синну соли калон (1,676±0,715 ва 1,879±0,682; $p<0,05$) муайян карда шуд, аммао басомади категорияи баланди хатар дар гурӯҳҳо муқоисашаванда буд ($p>0,05$). Тактикаи мурокибати беморон дар ин марҳала аз табақабандии барвақти хатар бо истифода аз шкалаҳои GRACE ва TIMI иборат буд. Амалиётҳои ҷарроҳии инвазивӣ дар (амалиётҳои ҷарроҳии зерипӯстӣ, коронароангиография) дар 7,8%-и беморони гурӯҳи асосӣ ва дар 4,6%-и

беморони гурӯҳи муқоисавӣ иҷро карда шуд. Табобати тромболитикӣ дар камтар аз 10%-и беморон мувофиқи нишондодҳо гузаронида шуд.

**Марҳалаи статсионарӣ. Хусусиятҳои клиникӣ-демографии СШК.** Дар байни 182беморони бистаришудаи дорои СШК шахсони миёнсол (45–59 лет) бартарӣ доштанд - 155 нафар (85,2%), дар ҳоле ки беморони ҷавон (то 45-сола) 27 (14,8%) буданд (p<0,0001). Дар ҳарду гурӯҳи синнусолӣмардҳо бартарӣ доштанд (63,7%; p<0,0001). Занҳои синну соли миёна бештар бистарӣ карда шуданд, назар ба занҳои ҷавон (p<0,0001). Фарқиятҳои синнусолӣ вобаста аз ҷинс чандон муҳимм набуданд (p>0,05). Таҳлил аз рӯйи синну сол, ҷинс ва шохиси массаи бадан (МББ) нишондод, ки зиёда аз 80%-и осебдиагони дорои СШК-ро беморони СҶМ, тақрибан аз се ду ҳиссаро - мардҳо, дар байни мардҳо бошад, массаи барзиёди бадан ва дар байни занҳо-фарбеҳӣ бартарӣ доштанд.

Дар байни беморони *бистаришуда* бештар СШКбп ST - 63,2% (p<0,0001) ба мушоҳида расид. СШКп ST зиёдтар дар мардҳо ба қайлд гирифта шуд (56,0%), дар занҳо - СШКбп ST (p<0,0001). Дар гурӯҳи беморони синну соли миёна СШКбп ST бартарии назаррас дошт (65,2%; p<0,0001). Ин шакли СШК бештар дар заминаи муътадил будани массаи бадан (32,2%) ва фарбеҳӣ (21,7%) (p<0,0001) ба қад гирифта шуд, дар ҳоле ки СШКп ST асосан бо массаи барзиёди бадан ҳамбастагӣ дошт (91,1%; p<0,0001). Муқаррар карда шуд, ки дар маҷмуъ, дар заминаи СШКбп ST дар 46,1%-и беморон ИМп инкишоф ёфтааст, дар заминаи СШКп ST - дар 76,1%-и беморон (p<0,0001). Фарқиятҳои синнусолӣ дар басомади инкишофи ИМ муайян карда нашуд (p>0,05). Фарқиятҳои ҷинсӣ бо басомади баланди СН (стенокардияи ноустувор) дар занҳо (59,1%; p<0,001) ва ИМп ST дар мардҳо (30,2%; p<0,05) дида шуд.

Дар беморони дорои СШК басомади баланди фишорбаландии шарёнӣ (63,2%) ба мушоҳида расид ва басомаддар байни гурӯҳҳои ҷавон ва синни миёна аз нишондиҳандаи гурӯҳи назоратӣ баланд буд (42,5%; p<0,05). Басомади БИД дар анамнез 39,6% дар муқобили 20% дар гурӯҳи назоратиро ташкил дод; p<0,05ва дари синни миёна баланд буд (42,6%), назар ба ҷавонон (22,2%; p<0,05). Басомади фарбеҳӣ, диабети қанд ва инсултҳои гузаронидашуда

дар гурӯҳҳои синнусолӣ муқоисашаванда буд (p>0,05); сигоркашҳо дар байни ҷавонон зиёд буданд (37,0%; p<0,05). Аломатҳои энсефалопатияи диссиркуляторӣ дар беморони синни миёна зиёдтар дида шуданд (37,4%; p<0,05) ва бо СФ НМД ва ИШГМ (ихтилолҳои шадиди гардишихуни майна) –и вазнин гузаронидашуда иртиботи мутакобила доштанд (r=0,26; p<0,05).

**Нишондиҳандаҳои лабораторӣ.** Баланд шудани нишондиҳандаҳои махсуси дил некрози миокард дар 12,1% -и беморони гурӯҳи умумӣ, маркёрҳои илтиҳобӣ (СРБ>10 мг/л, лейкоситоз) дар 23,1%-и беморон ба мушоҳида расид.

Профили липидҳо (расми 1) дорои хусусиятҳои тағйироти атерогенӣ буд: баланд шудани сатҳи триглисеридҳо (ТГ), холестерини умумӣ (ХУ) ва коэффитсиенти атерогенният (КАГ) дар заминаи паст шудани сатҳи липопротеидҳои зичиашон баланд (ЛПЗБ). Коэффитсиенти атерогенният ≥4 дар нисфи беморон ба қайд гирифта шуд (50,5%).




**Расми 1.- Таносуби нишондиҳандаҳои миёнаи профили липидҳо дар беморони дорои СШК, марҳалаи статсионарӣ (давраи 1, п=182).**

Дар таҳқиқоти инструменталӣ осебҳои зиёди субклиникии дилу рагҳо муайян карда шуд. Ҳангоми муқоиса кардан бо гурӯҳи назоратӣ дисфунксияи диастоликии меъдачаи чап (ДДМЧ) бештар дар беморони дорои СШК (74,2 %; p<0,0001) ба қайд гирифта шуд, ки асосан аз ҳисоби типҳои I ва II буданд. Паст шудани таносуби E/A дар баробари баланд шудани шохиси зарфияти пешдили

чап (38,66±5,96 мл/м2; p<0,0001), баландшавии музмини фишори пуршавӣ ва профили ногувори гемодинамикиро нишон медиҳанд. Хеле ғафс шудани ҒИМ ШБС (1,045±0,129 мм; p<0,01) дида шуд, ки онро зиёшавии аломатҳои ноустувории ЛА (22,5%; p<0,001) ҳамроҳӣ мекарданд, бо дараҷаҳои ФШ, СФ НМД ва дислипидемия иртиботи мутақобила доранд ва себҳои системавии субклиникии дилу рагҳоро инъикос мекунанд ва аз пешравии раванди атеросклерозӣ, ҳатто ҳангоми набудани аломатҳои клиникӣ низ дарак медиҳанд.

*Ихтилолҳои таҳлукаву депрессӣ ва когнитивӣ.* Ҳангоми таҳлил кардани статуси равониву эмотсионалӣ дар беморони СҶМ бо СШК басомади баланди синдроми таҳлука 87,4 % ва депрессия – дар 79,7% бо возеҳии гуногун муайян карда шуд. Депрессия бештар дар беморони дорои СШК бо баланд шудани ST (14,2±5,8 б) дида мешавад, назар ба СШК бе баланд шудани ST (12,6±5,1 балл; p<0,05). Ихтилолҳои когнитивӣ (ИК) дар 33,1% -и беморони СҶМ бо СШК, бештар дар марҳои синни миёна (p<0,05), асосан шаклҳои сабук ва миёна муайян карда шуд. Коҳиш ёфтани функсияи когнитивӣ бо синну сол, БИД, ФШ, ДДМЧ, ғафсшавии ҒИМ ва ноустувории ҲА вобастаанд. Ихтилолҳои асабиву равонӣ ҷузъи муҳимми профили клиникӣ- пешгӯйикунандаи СШК дар беморони СҶМ мебошад ва бо воеҳии осебҳои атеросклерозӣ ҳамбастагӣ дорад.

*Азёбии хатари фавт, оризаҳо ва ҲНДР дур.* Аҳамияти баланди хатари фавт ва инкишофи ИМ такрорӣ бо ҷинси мард ва массаи барзиёди бадан ҳамбастагӣ доранд. Хатари фавт дар шаклҳои гуногуни клиникии СШК муқоисашаванда буд. Ҷараёни оризаноки СШК дар шароити статсионар дар у 24,7% -и беморон мушоҳида шуд. Дар сохтори оризаҳо аритмияи ба ҳаёт таҳдидукунанда (8,8%), шоки кардиогенӣ (9,9%) ва фавт аз бемории дилу рагҳо (2,2%) бартарӣ доштанд.

Дар марҳалаи баъдибеморхонагӣ ҲНДР дар15,2 % -и беморон ва бештар дар шакли ИМ-и накушанда ва ҷарроҳиҳои таъҷилии коронарӣ ба қайд гирифта шуд (расми 2).




**Расми 2. – Омилҳои новобаста аз алоқамандӣ бо дараҷабанди ҳолатҳои ногувори дилу рагҳо (ҲНДР) дар беморони дорои СШК, (давраи I; n=178), мувофиқи маълумотирегрессияи ростхата.**

Дар таҳлили бисёромил бо усули регрессияи ростата ва истифодаи шкалаи дараҷабандишудаи ҲНДР (1-4) мувофиқи аҳаммияти клиникии ҷузъҳо омилҳои мустақили муайянкунандаи дараҷабандии ҲНДР муқаррар карда шуданд: зиёд шудани ҒИМ, коҳиш ёфтани Е/А, хатари баланди фавт ва ИМ такрорӣ, инчунин возеҳии таҳлука ва депрессия.

Таҳлили муқоисавӣ нишон дод, ки ҲНДР бештар дар мардҳо, беморони сигоркаш, дорои ҒИМ≥25 кг/м², гиперлипидемия, ДДМЧ, ғафсии ҒИМ ва норасоии когнитивӣ инкишоф меёбад, Ҳамин тавр, дар беморони СҶМ бо СШК аллакай дар давраи I-и таҳқиқот маҷмуи тағйироти ногувори клиникӣ-гемодинамикӣ, рагҳову асабиву равонӣ муайян карда мешавад, ки хусусияти системавии раванди атеросклерозиро инъикос мекунад. Беморихҳои ҳамроҳшуда, осебҳои субклиникии дилу рагҳо, инчунин таҳлукву депрессия ва ИК дар хатари ҷараёни оризаноки СШК, инкишофи ҲНДР саҳми бузург доранд, ки ин ба зарурати таҳлили тағйироти муваққатии ҷараёни СШК дар давраи II-и таҳқиқот ишора мекунад.

**Давраи дуюми таҳқиқот. Хусусиятҳои ҷараёни СШК тибқи маълумотҳои марҳалаҳои то пандемӣ ва пандемӣ.** Давраи дуюми таҳқиқот баъд аз 10 соли давраи I бо мақсади арзёбӣ намудани тағйиротҳои замонии хусусиятҳои клиникӣ-эпидемиологии СШК дар беморони СҶМ гузаронида шуд. Пандемияи COVID-19-и пайдошуда хусусияти махсуси ин давра шуда

монд ва имконият дод, ки ба таври иловагӣ таъсири «омили пандемия» ба ҷараёни СШК омухта шавад.

**Марҳалаи то пандемӣ.** ***БТИ шуъбаи қабул.*** Аз 706 бемори СҶМ, ки ба БТИ бо шубҳа доштани ИМ, СШК дохил шуда буданд, дар 611 (86,5%) бемор тасдиқ карда шуд. Аз онҳо дар марҳалаи то пандемия (16 моҳ) 415 ҳолати СШК (25,9/ дар як моҳ), дар давраи пандемия (15 моҳ) - 196 ҳолат (13,1/дар як моҳ) ба қайд гирифта шуд, ки хеле коҳиш ёфтани муроҷиатро дар шароити пандемия нишон медиҳад. Дар байни 415 бемори дорои СШК, оризаҳои барвақт дар 41/9,9% ҳолат (аритмияи ба ҳаёт таҳдидкунанда, норасоии шадиди рагҳо ва дил), аз ҷумла - дар 5 (1,2%) ҳолат фавт аз ДР ба мушоҳида расид. Дар оянда 410 бемор ба таҳлил фарогирифта шуд.

Дар марҳалаи БТИ шуъбаи қабул сохтори СШК дорои хусусиятҳои хеле бартарӣ доштани СШК бе баландшавии ST (72,7%; p<0,0001) буд. Беморон асосан аз ҷинси мард (71,2%), синну соли миёна (48,1±8,4 сол) буднд, дар 70,2% массаи барзиёди бадан ё фарбеҳӣ ба қайд гирифта шуд.

Бештари беморон (72%) аз тарафи бригадаҳои кардиологии ёрии таъҷилӣ оварда шудаанд, 25,6% аз дигар муассисаҳои тиббӣ интиқол шудаанд, худмуроҷиаткунӣ танҳо 2,4% буд. СШК оғози БИД дар 23,7% -и беморон буд; 185 (45,1%) аз хусуси БИД дар қайди диспансерӣ буданд, ки ин афзоиши муоинаи диспансериро дар муқоиса бо давраи I инъикос менамояд.

Муроқибати беморони дорои СШК мувофиқи тавсияҳои муосир, бо бо табақабандии барвақти хатар мувофиқи шкалаҳои GRACE ва TIMI ва интихоби стратегияи реперфузионӣ анҷом дода шуд. Амалиётои ҷарроҳии инвазивӣ дар104 (25,4%) бемор иҷро кардашуданд, дар ин маврид дар беморон ИМғ хеле бештар 59 (59,0%) дида шуд, назар ба СН - 45 (14,5%; p<0,0001). Табобати тромболитикӣ дар 52 (12,7%) бемор иҷро кардашуд. Табобати дукаратаи зиддитромбоситариро 38 (23%) бемор гирифт, ки ин татбиқ ва тасеаи истифодаи онро дар муқоиса аз давраи I нишон медиҳад ва тибқи тавсияҳои муосир амалӣ карда шуд, бо табақабандии барвақти хатар тибқи шкалаҳои GRACE ва TIMI ва интихоби стратегияи реперфузионӣ стратегии.периодом.и

осуществлялось в соотвамалӣ карда шуд. Амалиётҳои ҷарроҳии инвазивӣ дар 104 (25,4%) бемор гузаронида шуданд, дар ин мавриддар беморони дорои ИМ – хеле зиёд буданд 59 (59,0%), назар ба СН - 45 (14Маралаи с***татсионарӣ (то пандемӣ).*** Дар байни беморони бистаришуда (п=161) мардҳо (54,7%) ва шахсони МББ ≥25 кг/м² бартарӣ доштанд (72%). СШК бе баландшудани ST 81,4% -и ҳамаи ҳолатҳоро ташкил дод ва новобаста аз синну сол ва ҷинс варианти зиёд дучоршаванда боқӣ монд. и всех случаев, оставаясь частым вариантом независимо от возраста и пола. СШКп ST значимо чаще диагностирован у мужчин. СШКп ST еле зиёд дар мардҳо ташхис карда шуд. ФШ дар 79,5%-и беморон муайян карда шуд, НМД - дар 72,1% (бештар СФ I–II), ИШГМ дар анамнез - дар 24,9%. Басомади НМД ва ИШГМ дар беморони синну соли миёна хеле зиёд буд. Нишондиҳандаҳои профили липидҳо (гипер-ХС, гипер-ТГ, паст шудани ЛПЗБ) аз дуршавиҳои атерогенӣ аз нишондиҳандаҳои референсӣ дарак медиҳанд; коэффитсиенти атерогенияти ≥4 дар 64% -и беморон муайян карда шуд. Баланд шудани маркёрҳои илтиҳоби системавӣ дар 21,7%-и беморон ба назар расид Ҳангоми омухтани *осебҳои субклиникии дил ва* рагҳоДДМЧ 86,3% -и беморони дорои СШК, асосан дар типи I муайян карда шуд. Хеле баландшудани (p<0,0001) шохиси ҳаҷми меъдачаи чап (МҲМЧ) ва замони сустшудани пуршавии барвақт (ЗСПБ) (DT) мушоҳида шуд; ТИМ ШБХ дар беморони дорои СШК баланд буд (p<0,05), ноустувории ҲА АБ 32,9% (p<0,01) и беморон ташхис карда шуд (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. - ДДМЧ ва ҳолати ШБС дар беморони дорои СШК (то пандемия, статсионарӣ давраи дуюми тақиқот).**

| Нишондиҳанда | Гурӯҳи назоратӣ (п=30) | Беморони бо СШК (п=161) | P |
|---|---|---|---|
| *Функсияи диастоликии меъдачаи чап* | | | |
| ЗСПБ **(DT), мсек** | 185,0±17,8 | 212,2±19,2 | <0,0001 |
| МҲМЧ **, мл/м2** | 34,8±6,68 | 40,6±4,74 | <0,0001 |
| **E/A, воҳ.ш.** | 1,117±0,134 | 1,007±0,240 | <0,05 |
| **ДДМЧ (ҳамаи типҳо), мутл. (%)** | 8 (26,7) | 139 (86,3) | <0,01* |
| **1 тип** | 7 (23,3) | 114 (70,8) | <0,0001* |
| **2 тип** | 1 (3,3) | 23 (14,3) | <0,01* |
| **3 тип** | - | 2 (1,24) | >0,05* |

| *Ҳолати шарёни брахиосефаӣ (ШБС)* | | | |
|---|---|---|---|
| **ҒИМ ШБС, мм** | 0,977±0,138 | 1,071±0,147 | <0,05 |
| **Ноустувории ҲШ** | 2 (6,7) | 53 (32,9) | <0,01* |

*Эзоҳ:* ДДМЧ- дисфунксияи диастоликии меъдачаи чап; ШБС –шарёни брахиосефалӣ; ЗСПБД (DT) – замони сустшавии пуршавии барвақти диастоликӣ; ШҲМЧ – шохиси ҳаҷми пешдили чап; E/A – таносуби суръати ҷараёни барвақти диастоликии трансмитралӣ бо дер ; ҒИМ – ғафсии комплекси интима-медиа ШБС; ҲА – ҳалқаҳои атеросклерозӣ; р –аҳамияти омории нишондтҳандаҳои гуногуни байни гурӯҳҳо (тибки Манна Уитни) қайд карда шудааст; *- фарқиятҳо аз рӯйи критерияи $\chi 2$ қайд шудааст.

Муқаррар карда шудааст, ки ДДМЧ ва осеб дидани рагҳо ҳам ба синну сол ба МББ, баланд шудани ФШ, тағйиротҳои атерогении липидҳо ва ҳам ба ҳолатҳои кардиалӣ ва серебралии дар анамнез буда иртиботи мутақобила доранд.

Ихтилолҳои таҳлукаву депрессӣ ва норасоии когнитивӣ (НК). Набудани синдроми таҳлука дар 36 (22,4 %), депрессия дар 31 (19,3%) ва набудани аломатҳои норасоии когнитивӣ - дар 107 (66,5%) нафари онҳо ба мушоҳида расид. Нишондиҳандаи миёнаи синдромоҳи таҳлука ва депрессия аз нишондиҳандаҳои меъёрӣ тақрибан 2 маротиба баланд буданд, балли миёна мувофиқи шкалаи MoCA 25,96±2,41-ро ташкил дод, ки аз тамоили пастшавии когнитвӣ дарак медиҳад. Баланд удани сатҳи таҳлука ва депрессия ва камбуди когнитивӣ дар беморони синну соли миёна возеҳтар ба назар расиданд: фарқият аз ҷиҳати ҷинс ($p>0,05$) ва МББ (тамоил) дар байни беморон чандон муҳим набуд.

Хатари фавт ва ИМ такрорӣ; ҷараёни орианоки СШК. Хатари миёна мувофиқи шкалаҳои GRACE/TIMI дар статсионар 99±0,75 буд, дар беморони синну соли миёна бештар ба мушоҳида мерасад ($p<0,002$) ва ҳангоми МББ ≥25 кг/м² ($p<0,05$). Хатари фавт ва ИМ ҳам бо ФШ, БИД, ДДМЧ, возеҳии НМД, ИШГМ ($p<0,05$), ҳам бо ҒИМ ТИМ иртиботи иутақобила доштанд ($r=0,472$; $p<0,05$; расми 3).




**Расми 3. – Иртиботи мутақобилаи хатари фавт бо ҒИМ ШБС дар беморони дорои СШК дар марҳалаи статсионарӣ давраи II (п=161; r=0,472; p<0,05, тибқи Spearmen).**

Ҷараёни оризаноки СШК дар статсионар дар 46 (28,6%) бемор дида шуд, аз ҷумла - 3 (1,9%) ҳолати фавт аз ДР, аз онҳо 2 (1,24%) – дар заминаи инсулти ишемикӣ.

***Марҳалаи баъдибеморхонагии давраи дуюм.*** ҲНДР дур. Ин давра ба давраи авҷи пандемияи COVID-19 рост омад. Дар давоми 12 моҳи муоина ҳолатҳои ногувори дилу рагҳо дар 28,5% бемор ба қайд гирифта шуд ва ИМ накушанда, реваскуляризатсияи фаврӣ ва фавт аз дилу рагҳо (1,9%). ҲНДР дур ба таври эътимоднок (p<0,05) бо ҒИМ (r=0,693),ноусувории ҳалқаҳои атеросклерозӣ (r=0,664), ДДМЧ (r=-0,26), САД (r=-0,46), бо возеҳии на танҳо таҳдука (r=0,40) ва депрессия (r=0,41), балки бо норасоии когнитивӣ низ (r=-0,28) ҳамбастагӣ дошт.

COVID-19-и гузаронидашуда иртиботи муътадилдошт, вале иртиботи муҳМББар бо инкишофи ҲНДР низ мавҷуд буд (r=0,35;p<0,05). Тибқи маълумоти регрессивии логистикӣ ҳамчун предиктори мустақили ҲНДР зиёдшудани ҒИМ, ноустуворӣи АБ ва вазнинии COVID-19-и гузаронидашуда ҷудо карда шуданд (p<0,001).

Ҳамин тавр, дар давраи дуюми таҳқиқот дар беморони СҶМ трансформатсияи ҷараёни СШК ба қайд гирифта шуд: бартарӣ доштани шакли бидуни баландшавии ST, басомади баланди осебҳои субклиникии СШК, инчунин нақши муҳимми омилҳои асабиву равонӣ ва COVID-19 дар инкишофи

ҲНДР. Сарфи назар аз зиёд шудани фарогирии муоинаи диспансерӣ, ин омлҳо муайян кардани пешгӯйии манфиро идома медиҳанд.

**Марҳилаи пандемии давраи дуюми тақиқот. Хусусиятҳои ҷараёни СШК.** Марҳилаи пандемии давраи дуюми тақиқот (майи соли 2020 – июли соли 2021; 15 моҳ) дорои хусусиятҳои кам шудани муроҷиати бемморони шубҳанок аз СШК ва ҳамзамон вазнин шудани ҷараёни клиникии беморӣ мебошад. Дар БТИ шуъбаи қабул 196 нафар бемори СҶМ ворид шуд, ки дар онҳо ташхиси COVID-19 бо усули клиникӣ-лабораторӣ мувофиқи тавсияҳои замонии амалкунанда истисно карда шуд.

Оризаҳои барвақти СШК дар 18,9% инкишоф ёфтанд ва фавти клиникӣ дар 8 (4,1%) бемор ба қайд гирифта шуд, асосан дар дар шахсони синни миёна, дар мардҳо дар заминаи ФШ, НМД ва БИД дар анамнез. Сабабҳои асосии пайомадҳои фавтовар норасоии шадиди ддил, варами шушҳо ва шоки кардиогенӣ буданд.

*БТИ шуъбаи қабул.* Барои таҳлили минбаъдаи маълумотҳо 188 беморро дохил карданд. Бештари беморон (68,6%) аз тарафи бригадаҳо бо мошини ёрии таъҷилӣ оварда шудаанд, 28,2% - емор аз дигар муассисаҳои табобатӣ интиқол шудаанд. Зиёд шудани ҳиссаи муроҷиатҳои дери (≥12 соати баъди дардҳо) беморон барои ёрии тиббӣ (7,4%) дида мешавад. СШК оғози бемори дар 36,2% буд, тақрибаннисфи беморон (48,4%) азхусуси БИД дар қайди диспансерӣ буданд. СШК дар мардҳо (64,9%) ва беморони синну соли миёна (87,8%) бартарӣ дошт. ҒИМ ≥25 кг/м2 дар 65,4% муайян карда шуд. СШК бе баландшавии сегменти ST варианти бартаридошта боқӣ мондааст (74,5%). ИМ дар 62,8% бемор дар марҳалаи БТИ, СН - дар 37,2% бемор ба назар расид.

Амалиётҳои ҷарроҳии инвазивӣ дар 16%-и беморон иҷро кардашуданд ва хеле зиёд ҳангоми ИМ. Табобати тромболитикӣ бештар ҳангоми ИМ (23,7%), назар ба СН (4,3%) истифода шуд. Табобати антитромбоситарӣ дар бештари беморон (66,5%) гузаронида шуд, аммо ҳиссаи ТДАТ баланд набуд (18,6%), ки онро метавон ба маҳдудиятҳои ташкилӣ аснои пандемия рабт дод (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4.- Хусусиятҳои муроқибати беморони дорои**

**стенокардияи ноустувор (СН) ва инфаркти миокард (ИМ) дар БТИ шуъбаи қабул дар марҳалаи пандемии таҳқиқот (п=188); абс (%).**

| Нишондиҳанда | Ҳамагӣ | 1. СН(п=70) | 2. ИМ (п=118) | Р |
|---|---|---|---|---|
| **Ташхиси клиникӣ дар БТИ гузошта шуд** | 133 (70,0) | 43 (61,4) | 90 (76,3) | <0,05 |
| **Амалиётҳои нвазивӣ, ҳамагӣ:** | 30 (16,0) | 4 (5,7) | 26 (22,0) | <0,01 |
| **- Коронароангиография** | 25 (13,3) | 4 (5,7) | 21 (17,8) | <0,05 |
| **- АЗПК (стентгузорӣ, балл. ангиоп.)** | 4 (2,1) | 0 | 4 (3,4) | >0,05 |
| **- Шунтгузаронии коронарӣ (анамнез)** | 1 (0,5) | 0 | 1 (0,85) | >0,05 |
| **Табобати консервативӣ, аз ҷумла:** **- Қатъ кардани хуруҷи дард** | 176 (93,6) | 64 (91,4) | 112 (94,9) | >0,05 |
| **- Табобати антикоагулянтӣ** | 160 (85,1) | 52 (74,3) | 108 (91,5) | <0,01 |
| **- Табобати антитромбоситарӣ** | 125 (66,5) | 35 (50,0) | 90 (76,3) | <0,001 |
| **• Аз ҷумла ДАТТ** | 35 (18,6) | 4 (5,7) | 31 ( 26,3) | <0,001 |
| **- Табобати тромболитикӣ** | 31 (16,5) | 3 (4,3) | 28 (23,7) | <0,001 |

*Эзоҳ:* р – аҳамияти омории фарқиятҳоинишондиҳандаҳо (тибқи критерияи $\chi 2$).

*Марҳалаи стасионарӣ.* Дар шуъбаи кардиология 60 бемори дорои СШК бистарӣ буд. Синну соли миёна назар ба беморонии БТИ хеле паст буд, ки ин метавонад дер муроҷиат кардани беморони ҷавон ва афзудани нақши шаклҳои манифестатсияи клиникии СШК-ро дар ин гурӯҳи синнусолӣ инъикос кунад.

Дар байни беморони бистаришуда мардҳо ва беморони дорои МББ ≥25 кг/м² (85%) бартарӣ доштанд. СШК бе баландшавии ST (73,3%) ҳам дар байни ҷавонон ва ҳам синну соли миёна варианти пешсаф боқӣ монд. ФШ ва НМД дар бештари беморон муайян карда шуданд ва дар зиёда аз 80% мавҷуд буд. ИШГМ-и гузаронидашууда аз ҳама бештар дар беморони синну соли миёна ба мушоҳида расид.

Нишондиҳандаҳои лабораторӣ аксуламали системавии илтиҳобӣ ва тағйироти атерогениро инъикос карданд: баланд шудани СРБ ва лейкоситоз дар нисфи беморон, гиперхолестеринемия - дар 76,7%, гипертриглисеридемия - дар 51,7% ва баланд шудани коэффитсиенти атерогенният дар 52 (86,7%) бемор дида шуд.

*Маркёрҳои осебҳои субклиникии дилу рагҳо.* Дар марҳалаи пандемия дар беморони дорои СШКбасомади ниҳоят баланди маркерҳои токлиникии хатари кардиоваскулярӣ муайян карда шуд. ДДМЧ дар 90% -и беморон аз ҳисоби ихтилоли релаксатсия ташхис карда шуд, (типи 1; 68,3%), ки назар ба гурӯҳи назоратӣ 2,6 маротиба бештар аст (35%, p<0,0001).




**Расми 4. – Таносуби басомади БА-и ноустувор ва ДДМЧ дар беморони дорои СШК дар давраи пандемӣ (п=60; r = -0,363; p<0.05).**

Дар расми 4таносуби басомади ҳалқаҳои атеросклерозии ноустувор ва ДДМЧ пешниҳод шудаанд, ки дар байни онҳо иртиботи миёнаи манфии коррелятсионӣ муайян карда шуд (r = -0,363; p<0.05). ҒИМ –и шарёнҳои хоб ба тавриэътимоднок баландтар буд, назар ба гурӯҳи назоратӣ (1,118±0,138 мм ва 0,973±0,138 мм, p<0,01). Он далел махсусан диққатро ҷалб мекунад, ки дар 48,3%-и беморони дорои СШК аломатҳои эхографии ноустувории БА муайян карда шуд, ки дар гурӯҳи назоратӣ онҳо вуҷуд надоштанд. Ин маркер аҳамити калидии патогенетикӣ дорад, мустақиман ба хатари баланди ҳолатҳои дилу рагҳо далолат мекунад. Ҳамин тавр, дар аксари бештари беморони СҶМ бо СШК дар давраи пандемия аломатҳои возеҳи субклиникии сохторӣ-функсионалии ремоделсозии дил ва атеросклерози фаъолу ноустувор муайян карда шуд.

*Статуси равониву асабӣ.* Статуси равониву асабӣ дар ин давра дорои хусусиятҳои нороҳатии назарраси беморони дорои СШК мебошад. Нишондиҳандаи миёна тибқи шкалаҳои таҳлука (16,5±5,7 балл) ва депрессия (19,97±7,56 балл) зиёда аз ду маротиба аз нишондиҳандаҳои меъёрӣ баланд буд. Дар мардҳо синдроми депрессия бештар возеҳ буд назар базанҳо (p<0,05), дар ҳоле ки сатҳи таҳлука аз ҷиҳати оморӣ фарқ намекард (ҷадваи 5).

**Ҷадвали 5.– Нишондиҳандаҳои таҳлука, депрессия ва функсияҳои когнитивӣ дар беморонидорои СШК бо назардошти ҷинс, синну сол ва**

**МББ (пандемия, n=60).**

| Нишондиҳанда | Зергурӯҳи беморон | | p |
|---|---|---|---|
| **Зергурӯҳ мувофиқи ҷинс** | **Мард (n=36)** | **Зан (n=24)** | |
| Таҳлука, (балл) | 7,4±4,4 | 15,2±7,2 | >0,05 |
| Депрессия, M±SD (балл) | 21,8±5,8 | 17,2±9,0 | <0,05 |
| Возеҳии НК (балл) | 22,5±3,6 | 23,4±3,5 | >0,05 |
| **Зергурӯҳ мувофиқи синну сол** | **Ҷавон (n=26)** | **Миёна (n=34)** | |
| Таҳлука, M±SD (балл) | 15,2±6,1 | 17,5±5,3 | >0,05 |
| Депрессия, M±SD (балл) | 18,2±7,8 | 21,3±7,2 | >0,05 |
| Возеҳии НК (балл) | 23,1±3,4 | 22,6±3,7 | >0,05 |
| **Зергурӯҳ мувофиқи МББ** | **≤ 24,9 кг/м2 (n=9)** | **≥25 кг/м2 (n=51)** | |
| Таҳлука, M±SD (балл) | 8,7±5,8 | 17,9±4,5 | <0,0001 |
| Депрессия, M±SD (балл) | 8,7±7,7 | 22,0±5,6 | <0,0001 |
| Возеҳии НК (балл)) | 24,7±4,2 | 22,5±3,4 | >0,05 |

*Эзоҳ:* p – аҳаммияти омории фарқиятҳои нишондиҳандаҳои гурӯҳҳо мувофиқи U-критерияи Манн-Уитни.

Профили нисбатан ногувортар дар беморони дорои массаи барзиёди бадан ва фарбеҳӣ (МББ ≥25 кг/м²) дида шуд, ки сатҳи хеле баланди ҳам таҳлука ва ҳам депрессиияро дар муқоиса аз беморони дорои МББ муътадил намоиш доданд (p<0,0001). Нишондиҳандаи миёнаи функсияҳои когнитивӣ дар гурӯҳи умумӣ паст буд, гарчанде вобаста аз ҷинс ва гурӯҳи синнусолӣ (ҷавон ва синну соли миёна) ва МББ фарқнамекарданд. Ҳамин тавр, дар давраи пандемия дар беморони дорои СШК дистресси возеҳи равониву асабӣ ба мушоҳида расид, ки бо ихтилолҳои метаболикӣ дар заминаи ба таври муътадил паст шудани сатҳи функсияҳои когнитивӣ ҳамбастагии зич доранд.

Хатари фавт ва басомади ҷараёни оризаноки СШК дар давраи пандемия дар беморони бистришуда хеле баланд буданд. Категорияи миёнаи хатари фавт ва ИМ такрорӣ 2,45±0,723-ро ташкил дод; дар ин маврид хатари дар зиёда аз нисфи беморон мушоҳида шуд. Фарқиятҳои ҷинсӣ ва синнусолӣ диданашуданд,дар ҳоле ки массаи барзиёди бадан ва фарбеҳиро баландшавии муҳимми он ҳамроҳӣ мекарданд.

Ҷараёни оризаноки СШК дар марҳалаи статсионарии давраи пандемӣ дар 48,3%-и беморон ба қайд гирифта шуд, ки нисбат ба марҳалаи то пандемия

тақрибан 1,7 маротиба баланд аст. Оризаҳои нисбатан зиёд дучоршаванда шоки кардиогенӣ, норасоии шадиди дил ва аритмияи ба ҳаёт таҳдидкунанда буданд. Фавт аз дилу рагҳо дар 8,3% -и беморон дида шуд.

*Марҳалаи баъди беморхонагии муоинаи марҳалаи пандемия давраи II.* Басомади ҲНДР дур 54,6%-ро ташкил дод. Инкишофи ≥1 ҲНДР хеле бештар дар беморони дорои ИМ ба мушоҳида расид нисбат ба беморони дорои СН: мутаносибан 73,7% ва 44,4% ($p<0,05$). Дар беморони дорои ИМ марҳалаи пандемия давраи II –и таҳқиқот имконияти инкишофи ≥1 ҲНДР дур дар давоми 12 моҳи пас аз рухсат шудан 3,51 маротиба балнд буд, нисбат ба беморони дорои СН: OR=3,51; 95% ДИ 1,07–11,53; $p<0,05$. Ҳамин тавр, дар марҳалаи пандемия, дар беморони дорои ИМ пешгӯйии дур бад буд, назар ба СН, ки бо хеле зиёд шудани басомад умумии ҲНДР зоҳир мешавад, дар ҳоле ки фарқият аз рӯйи пайомадҳои ҷудогона ночиз буд.

Бо мақсади баҳо додан ба ҳамбастагии омилҳои ҷудогона бо инкишофи ҲНДР таҳлили унивариантӣ бо назардошти таносуби шансҳо (ТШ) ва 95% фосилаи эътимоднок гузаронида шуд. Барои нишондиҳандаҳои мийдорӣ ва шкалаҳо пешакӣ ROC-таҳлил бо муайян кардани нишондиҳандаҳои оптималии ибтидоӣ мувофиқи шохиси Юден гузаронида ва дар шакли бинарӣ пешниҳод карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳлили унивариантии омилҳои бо ҲНДР алоқаманд нақши калидии ҳифзшудаи ҒИМ ва ноустувории ҲА, анамнези цереброваскулярӣ ва ихтилолҳои асабиву равониро дар ташаккул ёфтани хатари ҲНДР дар беморони СҶМ бо СШК ва дар марҳалаи пандемии давраи II-и таҳқиқот-ро тасдиқ карданд. Дар ин марҳала барои сирояти COVID-19-и гузаронидашуда тамоили баланд шудани хатари ҲНДР дур ба мушоҳида расид, аммо ин алоқамандӣ то дараҷаи аҳаммияти оморӣ нарасидааст ($p=0,111$; ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. – Таҳлили нивариантии ба омилҳои бо нкишофи ҲНДР дар марҳалаи пандемии давраи II –и таҳқиқот (n=55).**

| Нишондиҳанда (0/1) | ТШ (95% ФЭ) | P |
|---|---|---|
| **ҒИМ ≥ ибтидоӣ** | 297,67 (15,23–5816,03) | <0,001 |
| **Ноустувории БА** | 16,10 (4,27–60,64) | <0,001 |
| **КА≥4** | 8,67 (0,99–76,12) | 0,051 |
| **НМД** | 2,67 (0,61–11,64) | 0,295 |
| **ДДМЧ** | 1,50 (0,23–9,76) | 1,000 |
| **ИШГМ дар анамнез** | 9,20 (2,62–32,28) | <0,001 |
| **MoCA ≤ ибтиодоӣ** | 46,80 (5,50–398,46) | <0,001 |
| **Таҳлука ≥ ибтиодоӣ** | 11,00 (3,09–39,21) | <0,001 |
| **Депрессия ≥ ибтиодоӣ** | 5,41 (1,66–17,65) | 0,009 |
| **COVID-19 (0/1)** | 10,10 (0,52–197,32) | 0,111 |

Эзоҳ: ТШ - таносуби шансҳо; ФЭ – фосилаи эътимоднок; ҲА – ҳалқаи атеросклерозӣ; КА - коэффитсиени атерогения; ДДМЧ - дисфунксияи диастоликии меъдачаи чап; ИШГМ – ихтилоли шадиди гардиши хуни майна. Аҳамияти ибтидоии нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва шкалаҳоро тибқи ROC-таҳлил бо истифода аз шохиси анализу Юден муайян карданд.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои ба даст овардашуда хусусияти серомилии инкишофи ҲНДР –ро (MACE) тасдиқмекунанд ва зарурати арзёбии комплексии хатарро дар беморони дорои СШК,бо назардошти ҷузъҳои кардиалӣ, сереброваскулярӣ ва асабиву равонӣ асоснок мекунанд.

**Муқоиса кардани натиҷаҳои ду давраи таҳқиқот: таъсири омилҳои замонӣ ва пандемияи COVID-19 ба хусусиятҳои ҷараёни СШК.** Муқоиса дар ду самт иҷро карда шуд: 1) муқоиса кардани маълумотҳои давраи I ва марҳалаи то пандемия давраи II, ки таъсири «тозаи» замонро (фосилаи 10 сол) инъикос мекунанд; 2) муқоиса кардани марҳалаҳои то пандемия ва марҳалаи пандемиия давраи II, ки таъсири пандемияро ҳангоми истисно кардани омили замонӣ (бе фосила) баҳогузорӣ мекунанд.

**Таъсири омили замонӣ (баъди10 сол).** Таҳлили муқоисавӣ нишон дод, ки бо тағйирёбии замонӣ манзараи тағйирёфтаи *клиник-эпидемиологии СШК* дар беморони СҶМ ташаккул меёбад. Басомади умумии оризаҳои барвақт дар давраи II назар ба давраи аввал хеле баланд буд (9,9% ва 6,1%, р<0,05). Афзоиши назарраси басомади аритмияи ба ҳаёт таҳдидкунанда (аз 1,2% то

3,6%, р<0,01) ва фавт аз бемориҳои дилу рагҳо (аз 0,23% то 1,21%, р<0,05; ҷадвали 7) ба мушоҳида расид.

**Ҷадвали 7.- Тағйиротҳои замонии оризаҳои барвақти СШК ва пайомадҳои фавтовар дар бемороне, ки ба шуъбаи қабул дар давраи I овардаанд ва марҳалаи топандемии давраи II –и таҳқиқот, n (%).**

| Нишондиҳандаҳо | Давраи I, n=857 | Давраи II, ДПЭ, n=415 | р |
|---|---|---|---|
| **Оризаҳои барвақт ва пайомадҳои фавтовар, ҳамагӣ** | 52 (6,1) | 41 (9,9) | <0,05 |
| **Аритмияҳои ба ҳаёт таҳдидкунанда** | 10 (1,2) | 15 (3,6) | <0,01 |
| **Шоки кардиогенӣ** | 30 (3,5) | 14 (3,4) | >0,05 |
| **Норасоии шадиди дил бо варами шушҳо** | 10 (1,2) | 7 (1,7) | >0,05 |
| **Фавти дилу рагҳо** | 2 (0,23) | 5 (1,21) | <0,05 |

Эзоҳ: р - аҳаммияти омории фарқиятҳои байни давраҳо; МТЭ – марҳалаи то пандемия давраи II; СҶМ – синну соли ҷавон ва миёна. .

Хеле афзудани оризаҳои барвақти СШК мумкин аст, ки тағйироти ҷараёни клиникии беморӣ, омили хатар ё ташкили ёрии тиббиро дар фосилаи вақти зикршуда инъикос намояд.

Ҳангоми арзёбӣ намудани ин омилҳо дар давраи II таҳқиқот ба таври эътимоднок паст шудани синну соли миёнаи беморон ва зиёд шудани ҳиссаи шахсони ҷавон ба мушоҳида расид, ки аз тамоили "ҷавоншавӣ"-и шаклҳои манифестии (ошкори) СШК ва афзоиши басомади СШК дарак медиҳанд, ба ҳайси оғози БИД баромад мекунанд (23,7%; р<0,05). Ҳиссаи бемороне, ки аз хусуси БИД дар қайди диспансерӣ буданд (36,5% ва 39,5%; р<0,05), инчунин беморонеро, ки бригадаи ёрии таъҷилии тиббӣ оварда буданд, дар заминаи паст шудани сатҳи худмуроҷиаткунӣ зиёд шуданд, ки ин тағйир ёфтани хатсайр ва эҳтиёткорӣ нисбат ба СШК-ро нишон медиҳад. Давраи II –и таҳқиқот дорои хусусиятҳо ба табобати консервативӣ боз ҳам пурратар фаро гирифтани беморони дорои СШК мебошад, дар динамикаи замонӣ афзоиши боэътимоди басомади СШК ST (72,7%; р<0,0001) ва коҳиш ёфтани ҳиссаи СШКп ST ба мушоҳида расид, ки онро зиёд шудани омилҳои хатари бемориҳои

кардиоваскулярӣ (БКВ)  ҳамроҳӣ мекунанд: ФШ, барзиёдии массаи бадан ва фарбеҳӣ, басомади ҳолатҳои муттаҳидшуда – НМД, ИШГМ-и гузаронидашуда.

*Дар марҳалаи беморхонагӣ* давраи II –и таҳқиқот афоиши омебҳои субклиникии дил ва рагҳо ба назар расид: ДДМЧ, зиёд шудани ҒИМ ШБС ва ноустувории ҲА. Ин тағйирот бо самти атерогении профили липидҳо якҷоя шуданд ва аз пурқувват шудани раванди ниҳонии  атеросклерозӣ хабар доданд. Синдромҳои нисбатан возеҳтари таҳлука ва депрессия ва ба таври муътадил паст шудани функсияҳои когнитивӣ, бештар дар беморони синну соли миёна, мардҳо ва шахсони дорои МББ ≥25 кг/м². муайян карда шуд.

Ҳамин тавр, фосилаи замонии 10-соларотағйиротҳои назарраси клиникии СШК ва хусусиятҳои беморон ҳамроҳӣ мекунанд. Сарфи назар аз пешравиҳо дар ташхис ва табобати СШК, бештар бемориҳои муттаҳидшуда, синдромҳои субклиникии кардиометаболикӣ ва асабиву равонӣ ошкор карда шуданд, ки онҳоро хатари баланди фавт, зиёд шудани ҲНДР-и дур ва наздик ҳамроҳӣ мекунанд (расми5).

Маълумотҳои ба даст овардашуда трансформатсияи профили СШК-ро

| | |
|---|---|
|   |   |
| **Первый период (п=182)** | **Второй период (до пандемии; п=161)** |

**Расми 5. – Тағйиротҳои замонии каатегорияҳои хатари фавт ва басомади ҳолатҳои дури ногувори дилу рагҳо (ҲНДР) дар бемороии дорои СШК дар марҳалаи баъдибеморхонагӣ давраҳои якум ва дуюми (топандемия) таҳқиқот.**

дар популятсия нишон медиҳанд; фенотипи беморӣ бо дараҷаи баландтар хосиятҳои раванди музмину ноустувори системавиро касб мекунад. Ин зарурати такмил додани системаи ёрӣ расониданро таъкид мекунад, ки бояд пз инҳо иборат бошад: 1) оптимизатсияи муроқибати беморон дар фазаи шаид бо мақсади фавран пешгирӣ намудани оризаҳои баданҷом; 2) таваҷҷуҳи стратегӣ ба муоинаҳои дарозмуддат ва якумрии беморон, бо мақсади устувор кардани атеротромбоз ва назорати омилҳои сеошумори хатар. Чунин равиш нишон медиҳад, ки парадигмаи муроқибати беморони СҶМ дорои СШК аз амалиёти ҷарроҳии яккаратаи маҳдуд (стентгузорӣ) ба стратегияи бефосилаи комплексӣ меравад ва табобати оптималии ҳолатҳои шадидро бо барномаи системавии идоракунии дарозмуддати хатарҳо муттаҳид месозад.

**Таъсири омилҳои пандемияи COVID-19.** *БТИ шуъбаи қабул.* Дар шароити пандемия якбора то 2 маротиба кам шудани миқдори бистаришавии беморони дорои СШК, зиёд гаштани синну соли миёнаи беморони дохилшуда ва афзудани ҳиссаи беморони дорои профилҳои вазнини клиникии СШК ба мушоҳида расид; дар марҳалаи БТИ зиёдшавии назарраси басомади оризаҳои барвақт, аз ҷумла фавт аз бемориҳои дилу рагҳо ба қайд гирифта шуд (ҷадвали 8).

**Ҷадвали 8. – Басомади муқоисавии оризаҳои барвақти СШК дар бемороне, ки ба БТИ шуъбаи қабул дар давраҳои топандемия ва (п=415) пандемия (п=196) дохил шудаанд..**

| нишондиҳандаҳо | Дарваи дуюми таҳқиқот | | |
|---|---|---|---|
| | То пандемия | Пандемия | P |
| **Ба БТИ бо эҳтимоли СШК дохилшуда** | 498 (70,5) | 208 (29,5) | <0,0001 |
| **СШК истисно шуд (ҳамагӣ)** | 83 (16,5) | 12 (6,8) | <0,0001 |
| **СШК тасдиқ шуд (ҳамагӣ)** | 415 (83,3) | 196 (94,2) | <0,0001 |
| **Хамагӣ оризаҳои барвақти СШК, аз ҷумла:** | 41 (9,9) | 37 (18,9) | <0,05 |
| **5. Аритмияи ба ҳаёт таҳдидкунанда** | 15 (3,6) | 9 (4,6) | >0,05 |
| **6. Шоки кардиогенӣ** | 14 (3,4) | 15 (7,7) | >0,05 |
| **7. Норасоии музмини дил бо ВШ** | 7 (1,7) | 5 (2,6) | >0,05 |
| **8. Фавти дилу рагҳо, мутлақ (%)** | 5 (1,21) | 8 (4,1) | <0,05 |

*Эзоҳ*: ВШ – варами шушҳо; p – аҳаммияти омории фарқияти нишондиҳандаҳо (тибқи критерияи $\chi 2$).

Дар БТИ шуъбаи қабул когорти нисбатан интихоб кардашуда, вале нисбатан вазнинтари беморон бо ташхиси СШК дохил шудаанд, ки инро афзоиши миқдори умумии оризаҳои барвақт (18,9%; p<0,05) ва махсусан фавти барвақти дилу рагҳо (4,1%; p<0,05) ҳамроҳӣ мекарданд. Ҳамзамон кам шудани басомади амалиётҳои инвазивӣ (16%; p<0,05), пеш аз ҳама, амалиёти аз тариқи пусти коронарӣ (АПК), ки эҳтимол дорадбо маҳдуд шудани хатсайр ва тағйироти авлавияти расонидани ёрии тахассусӣ дар шароити пандемия алоқаманд бошад.

*Марҳалаи статсионарӣ.* Таъсири пандемия ба ҷараёни СШК ба бартарӣ пайдо кардани хатари баланди фавт ва ИМ такрорӣ дар марҳалаи статсионарӣ ҳам дар мардҳо ва ҳам дар занзо оварда расонид. Баланд шудани хатарро иёдшудани шаклҳои оризаноки СШК ва пайомадҳои фавтовар аз 28,6% то 43,3% (p<0,0001) ҳамроҳӣ карданд, аз чумла дар заминаи инсулти ишемикӣ (5%; p>0,05). 43,3% (p<0,0001), в том числе на фоне ишемического инсульта (5%; p>0,05).

Ҷараёни СШК дар марҳалаи пандемӣ дорои хусусиятҳои ихтилолҳои нисбатан возеҳтари мубодилаи липидҳои самти атерогенӣ, хеле зиёд шудани ҒИМ (p<0,05), паст шудани Е/А ва афзоиши ноустувории ҲА мебошад, ки бо синну сол, ҷинси мард ва барзиёдии массаи бадан иртиботи зич доштанд.Таваҷҷуҳи махсусро муқаррар кардани якбора қувват гирифтани норасии когнитивӣ ва масусан синдромҳои таҳлука ва депрессия талаб мекунанд, ки дар байни онҳо мумкин аст, иртиботи мутақобила пурқувват бошад (r=0,84; p<0,05), ки 2 маротиба зичтар аст назар ба давраи I; расми 6).




**А. Давраи 1 ; r=0,41; p<0,05**




**Б. Давраи 2; r=0,84; p<0,05**

**Расми 6. - Иртиботи мутақобилаи таҳлука ва депрессия дар беморони дорои СШК дар давраи 1 (А) ва давраи пандемия (Б); тибқи Спирмен.**

Пурзӯр шудани ҳамбастагии байни таҳлука ва депрессия то сатҳи иртиботи пурқувват дар давраи пандемӣ метавонад, ки аз дистресси омехтаи таҳлука ва депрессия ба сифати аксуламали стреси дарозмуддат гувоҳӣ диҳад. Пас, дар шароити бухронҳои глобалӣ скрининг ва расонидани ёрӣ ба беморони дорои СШК бояд на танҳо ба ошкор кардани синдромҳои маҳдуди пастшавии когнитивӣ, таҳлука ва депрессия, балки ба арзёбивуислоҳи дистресси омехтаи Психологӣ низнигаронида шавад.

Дар ин замина дар давраи пандемӣ дар марҳалаи баъди пандемия афзоиши эътимодноки басомади ҲНДР ва фавти умумӣ ба мушоҳида расид. Барои арзёбӣ намудани саҳми марҳалаи пандемӣ дар хатари пайомадҳои дури ногувор таҳлили муқоисавии басомади ХНДР мувофиқи феҳристи густурдаи ҳолатҳо, аз ҷумла ИМ ҷуброншаванда, реваскуляризатсияи таъҷилӣ, фавти дилу рагҳо, дар бемороне, ки то пандемия ва дар давраи пандемия рухсат шудаанд, гузаронида шуд (ҷадвали 9).

**Ҷадвали 9. Таҳлили муқоисавии басомади ҲНДР дур дар беморони дорои СШК, ки то пандемия (n=158) ва дар давраи пандемия (n=55), n (%), OR (95% ФЭ) рухсат шудаанд,**

| нишондиҳанда | То пандемия | Пандемия | OR (95% ФЭ) | P |
|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ НДР** | 45 (28,5) | 30 (54,5) | 3,01 (1,60–5,68) | <0,001 |
| **ИМ ҷуброншаванда** | 12 (7,6) | 6 (10,9) | 1,49 (0,53–4,17) | >0,05 |
| **АК/РҶ фаврӣ.** | 16 (10,1) | 7 (12,7) | 1,29 (0,50–3,33) | >0,05 |
| **Фавти дилу рагҳо** | 17 (10,8) | 13 (21,7) | 2,57 (1,16–5,72) | <0,05 |
| Ғайр аз ин ба мушоҳида расид: | | | | |
| **- Фавт аз дигар сабабҳо** | 2 (1,27) | 4 (7,3) | 6,12 (1,09–34,4) | <0,05 |
| **- Фавти умумӣ** | 19 (12,0) | 17 (30,9) | 3,27 (1,55–6,90) | <0,01 |

Эзоҳ: АПК – амалиёти зерипустии коронарӣ; ХҶ – реваскуляризатсиси ҷарроҳӣ; OR – таносуби шансҳо; ФЭ – фосилаи эътимоднок; p – аҳаммияти оморӣ дар байни гурӯҳҳо.

Натиҷаи муҳимми ин муқоиса муайян кардани якхела набудан дар дохили когорти пандемӣ буд: муқоисаи стандартии марҳалаҳои та пандемия ва пандемия  имконият надод, ки фарқияти вазнинии ҷараён ва пайомадҳои ҷудогона дар беморони алоҳида шарҳ дода шавад. Ин мавҷуд будани омилҳои иловагии модификатсиониро нишон дод, ки дар даруни уди пандемия амал мекарданд. Ҳамин тавр, зарурати гузаронидани марҳалаи иловагии таҳқиқот асоснок карда шуда буд, ки ба омузиши нақши ду модификаторҳои  потенсиалӣ нигаронида шуда буд: сирояти COVID-19-и гузаронидашуа ҳамчун омиле, ки метавонадҷараёни СКШ-ро вазнин гаронад ва истеъмоли профилактикии мелатонин ҳамчун омили вобаста ба профили нисбатан гуворои клиникӣ ва пайомадҳо.  Чунин равиш имконият медиҳад, ки аз тафсири таъсири умумии манфии панемия ба таҳлили далелҳо гузарем, ки фарқият дар ҷараёни беморӣ ва пешгӯйии дурро муайян мекунад.

**Таъсири сирояти COVID-19-и гузаронидашуа ва истеъмоли профилактикии мелатонин ба ҷараёни СШК ва пайомадҳои дур.** *Таъсири е COVID-19-анамнез.* Тавре ки аз ҷадвали 10 бармеояд,  дар беморони мубтало ба COVID-19(+)  сохтори шакли СШК усусияти нисбатанногувортар дошт.

**Ҷадвали 10. -  Сохтори  шакли клиикии дар беморон вобаста аз  COVID-19-и гузаронидашуда (маралаи иловагӣ).**

| Нишондиҳанда | 2. COVID-19 (+) (n=100) | 2. COVID-19 (-) (n=121) | P |
|---|---|---|---|
| 3. Стенокардияи ноустувор, мутлақ (%) | 55 (55,0) | 91 (75,2) | <0,01 |
| 4. Инфаркти миокарда бе баланшавии ST, мутл. (%) | 27 (27,0) | 22 (18,2) | >0,05 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| $p_{1-2}$ | <0,0001 | <0,0001 | |
| **3. Инфаркти миокарда бобаланшавии ST, мутл , (%)** | 18 (18,0) | 8 (6,6) | <0,01 |
| $p_{1-3}$ | <0,0001 | <0,0001 | |
| $p_{2-3}$ | >0,05 | <0,01 | |
| **4. Ҳамагӣ инфарктхои миокард, мутак (%)** | 45 (45,0) | 30 (24,8) | <0,01 |
| $p_{1-4}$ | >0,05 | <0,0001 | |

*Эзоҳ:* p – аҳаммити омории фарқияти нишондиҳандаҳо дар байни гурӯҳҳои 1 ва 2 (ттбқи критерияи $\chi 2$).

